№53-54 (2970-2971)
19-уми августи
соли 2020,
ЧОРШАНБЕ

QR-CODE
@ovozisamarqand
OvoziSamarqand
@OvoziSamarqand

Ватан саҷдагоҳи муқаддас аст!

# Овози Самарқанд

Оғози нашр: 1-уми январи соли 1990

ISSN 2010-6688

E-mail: ovozisamarqand@umail.uz
http://www.ovozisamarqand.uz

Адаб бар ҳамаи беадабиҳо сабр кардан аст.




# ТУ – МАНБАИ ҚУДРАТУ МАСКАНИ САОДАТӢ, ЎЗБЕКИСТОНИ АЗИЗАМ!

Қарори ҳокими вилояти Самарқанд

## ДАР БОРАИ ДАЪВАТИ СЕССИЯИ ДУВОЗДАҲУМИ ШЎРОИ НАМОЯНДАГОНИ ХАЛҚИ ВИЛОЯТИ САМАРҚАНД ДАЪВАТИ ШАШЎМ

**Дар асоси моддаи 17-уми Қонуни Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Дар бораи ҳокимияти маҳаллии давлат» ҚАРОР МЕКУНАМ:**

1. Сессияи дувоздаҳуми Шўрои намояндагони халқи вилояти Самарқанд даъвати шашум 21-уми августи соли 2020, дар соати 09:00 даъват карда шавад.

2. Ба рўзномаи сессия масъалаҳои зерин дохил карда шаванд:

– дар бораи муроҷиати сардори садорати тандурустии вилоят Д. Ҷумъаниёзов роҷеъ ба зарурияти риояи қатъии шаҳрвандон ба талаботи санитарӣ, ба аҳолӣ саривақт ва сифатнок расондани ёрии тиббӣ-санитарии аввалин ба муносибати зина ба зина нарм кардани тартиботи карантин;

– дар бораи фаъолияти прокурори вилоят Ф. Зуфаров роҷеъ ба инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодии ҳудудҳо, инчунин мустаҳкам кардани қонунмандӣ, муҳофизати ҳуқуқ ва озодии шаҳрвандон, пешгирии ҷинояткорӣ ва ҳуқуқвайронкунӣ дар давоми 6 моҳи аввали соли 2020;

– дар бораи фаъолияти сардори садорати адлияи вилоят С. Нуриев роҷеъ ба ҳолати меъёри эҷодкорӣ ва амалиёти дастгирии ҳуқуқ дар нимсолаи аввали соли 2020;

– ахбори ҷонишини ҳокими вилоят А. Шукуров роҷеъ ба дархости комиссияи доимии Шўрои намояндагони халқи вилоят аз 19-уми июни соли 2020 (рақами 14-Д);

– дар бораи корҳои амаликардаи ҷонишини аввали ҳокими вилоят Ҷ. Ўроқов роҷеъ ба баровардани оилаҳои камбағал аз камбағалӣ, дастгирии ҳаматарафаи соҳаҳои иқтисодиёт ва субъектҳои тадбиркорӣ;

– масъалаҳои ташкилӣ

– масъалаҳои дигар.

3. Қарори мазкур дар воситаҳои ахбори оммавӣ эълон карда шавад.

**Ҳокими вилоят Э.ТУРДИМОВ**

*14-уми августи соли 2020*
*Қ-117*

Ба муносибати 600-солагии Донишгоҳи давлатии Самарқанд

## Корвонсолори илму маърифат

**Абдусалом САМАДОВ,**
устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд, дотсент

**Имрўзҳо дар асоси қарори сессияи даҳуми Шўрои намояндагони халқи вилояти Самарқанд тайёрӣ ба тантанаҳои 600-солагии Донишгоҳи давлатии Самарқанд, ки ворисі ҳуқуқии мадрасаи олияи Мирзо Улуғбек ба шумор меравад, чораву тадбирҳои маънавӣ-маърифатӣ амалӣ мегарданд. Ба қарибӣ дар ин таълимгоҳи олӣ дар доираи тантанаҳои ҷашнӣ анҷумани байналхалқии илмӣ-амалӣ дар мавзўи «Мавқеи Донишгоҳи давлатии Самарқанд дар ташаккул ва тараққиёти илму фан, сохтори таълими олии Ўзбекистон» дар сатҳи баланд гузаронида шуд.**

Воқеан, ба туфайли Истиқлол дар Ўзбекистон ба сохтори таълим уфуқҳои тоза рўи худро боз намуд. Ниёзмандӣ ба мутахассисони боиқтидор, ба истеъдоду салоҳияти дараҷаҳои таълими олӣ – бакалавр ва магистр афзуда, барномаи таълим ва тайёркунии кадрҳо собитқадамона ба ҳаёт татбиқ мегардад. Мақому манзалати намояндагони илму фан, аҳли маърифату фарҳанг дар ҷомеа мустаҳкамтар шуда, боигарии ақливу зеҳнӣ торафт бештар қадру манзалат меёбад, ки ҳамаи ин бо таърихи халқ, сирату арзишҳои миллӣ ва орзую омоли он вобастагии мустаҳкам дорад.

Бино бар ақидаи олимони муаррих, намояндагони илму фан ва мумайизони хориҷӣ таърихи таҳсилоти олӣ дар Ўзбекистон таърихи бостонӣ дорад. Ҳанўз дар асрҳои 1Х-Х дар ин сарзамин мактабу мадрасаҳои зиёде фаъолият доштанд, ки дарахти таърихи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ҳам аз онҳо ғизои маънавӣ гирифтааст. Адиби таърихнигор Зайниддин Восифӣ (охирҳои асри ХУ ва аввалҳои аср ХУ1) дар асари худ «Бадоеъ ул-вақоеъ» аз хусуси дар Самарқанд аз ҷониби Мирзо Улуғбек сохта шудани мадрасаи олия сухан карда, бобати дар фасли фараҳбахши тирамоҳи соли 813-и ҳиҷрӣ поён ёфтани кори сохтмони он ва дар ҳузури олимону толибилмон дар саҳни мадраса




аз имтиҳон гузаштану мударриси аввалини ин таълимгоҳи олӣ таъин шудани Шамсиддин Муҳаммад Хавофӣ, ки аз вилояти Хавоф омада, муддате дар Самарқанд ба таҳсили илм машғул гардидааст ва дар аксари улум, хусусан дар илми маониву баён – илми фасоҳату балоғат шўҳратёр шудааст, нақл кардааст.

**(Давомаш дар саҳ. 6).**



## СӢ ФОИЗИ МАҲСУЛОТ – БА СОДИРОТ

**Солҳои охир ҳукумати ҷумҳурияти мо барои фароҳам овардани имтиёзҳои андоз ва боҷхонае, ки барои инкишофи минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва саноатӣ имконияти ҷалб кардани сармояҳои хориҷӣ ва маҳаллиро медиҳанд, корҳои васеъмиқёс амалӣ карда мешаванд.**

Ҳоло ин имкониятҳои барои тадбиркорон фароҳамоварда самараи худро медиҳанд. Инро дар мисоли ҶММ «AGRO DRY FRUITS», ки дар минтақаи озоди иқтисодии «Ургут» фаъолият пеш мебарад, дидан мумкин аст.

Корхона дар даври пандемия ба қоидаҳои карантин риоя карда, 280 нафар ходимро бо кор таъмин ва фаъолияташро шабу рўз давом дод.

Ҷамъияти мазкур қувваи дар як сол истеҳсоли 24 миллион ҷуфт ҷўробҳои тобистона ва зимистонаро дорад.

Ҳоло 30 фоизи маҳсулот ба содирот равона карда мешавад. Дар соли 2019 ин нишондиҳанда 95,38 ҳазор долларро ташкил кард. Соли равон бошад, 456 ҳазор долларина маҳсулот ба хориҷа фиристода шуд. Корхона мақсад дорад, ки дар оянда аз бозорҳои Россия бештар харидор ёбад. Дар корхона ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти трикотажӣ ба нақша гирифта шудааст.

Қаблан корхона 70 фоизи ашёи хоми барои истеҳсолот заруриро аз Хитой меовард. Акнун ашёи хоми мазкурро дар худи корхона аз пахтаи маҳаллӣ тайёр мекунанд ва ҷўробҳои хушсифатро пешкаши харидорон мегардонанд.

Ҳуҷҷатҳои маҳсулоти воридотӣ ва содиротии корхонаро ходимони пункти боҷхонаи минтақаи озоди иқтисодии «Ургут» саривақтӣ расмӣ мекунанд.

*Хизмати ахбори Садорати боҷхонаи вилояти Самарқанд.*

Пурсуҷўйи журналистӣ

## Чаро нархи гўшт то рафт қимат мешавад?

**Бахтиёри ҶУМЪА**

(Аввалаш дар шумораҳои гузашта).

### РЕҶАҲО ДАР РЎЙИ КОҒАЗ МОНДАНД

Мо бо сарвари хоҷагии фермерии «Азимов Азим» Азимҷон Азимов ба воситаи телефон гуфтугў кардем. Вай дар давоми сўҳбат, аз ҷумла чунин изҳор кард:

– Барои зиёд кардани гўшт ва арзон намудани нархи он емро арзон кардан даркор аст. Аз ҳамин сабаб молпой душвор аст ва ба халқ мол намондааст.

Дар бозор ҳам молҳо қимат. Барои поида фарбеҳ кардан ба 12 миллион сўм навасе харед, он 200 кило гўшт мекунад ва аллакай ҳар килои гўшт ба 60-ҳазорсўмӣ меафтад. Одамон азоб кашида мол мепоянду фоидаро қассобон мебинанд.



Мо ҳозир ба парвариши 70 сар моли калон машғулем. Вале масоҳати замини хўроки чорво маҳдуд аст. Дар айни ҳол 8,5 гектар замини кишт дорем. 15,4 гектар заминамонро барои сохтмони иншоотҳои «Самарқанд-СИТТИ» гирифтанд.

Молҳои мо ҳама молҳои зоти маҳаллӣ аст. Барои аз хориҷа овардан имкон надорем. Ҳуҷҷатбозӣ, бюрократия авҷ гирифтааст. Минбаъд ба харида ҳар сар чорво супсидия медиҳанд. Вале як ё ду миллион сўм чӣ мешавад?

Барои арзон кардани нархи гўшт ман бизнес-план сохта, ба ҳокимият муроҷиат кардам, ки аз даруни бозор ҷой диҳанд. Ҳеҷ набошад 10х10 метр. Бо конструксияҳои металлӣ месозем. Вале архитекторҳо омада, ба плани генералӣ рост намеояд гуфта, таклифи маро рад карданд. Ман дар он ҷо 35-40 хели маҳсулоти гўштӣ (ба ғайр аз гўшти хук)-ро ба харидорон пешниҳод карданӣ будам. Фурўши маҳсулоти нимтайёрро ҳам ба роҳ мемондам, ки мардум дар маъракаҳои хурд, аз ҷумла қайди рўзҳои таваллуд бемалол истифода баранд. Ҳозир қассобҳо молро 48-50-ҳазорсўмӣ кушта гирифта, 56, 57, ҳатто 60-ҳазорсўмӣ мефурўшанд. Ман ба болои нархи асосӣ минимум 3 фоиз ва максимум 5 фоиз нархи иловагӣ мемондам. Афсўс, ки ҳамаи ин реҷаҳои ман дар рўйи коғаз монданд...

**(Давомаш дар саҳ. 2).**

ДАР ШАБАКАИ OVOZI.UZ МАВОДҲОИ ҶОЛИБРО ТАМОШО КУНЕД!

МУАММОҲОИ СОҲИБКОРОН БАРРАСӢ ГАРДИД

ИҶРОИ ЛОИҲАҲО ТАҲЛИЛ КАРДА ШУД

ДАР ҲОКИМИЯТИ ВИЛОЯТ МАСЪАЛАҲОИ РИВОҶИҲИИ ИҶТИМОИВУ ИҚТИСОДИИ ВИЛОЯТ БАРРАСӢ ГАРДИД

ПАС АЗ ТАНАФФУСИ 5 МОҲА АВВАЛИН НАМОЗИ ҶАМОАТӢ ҶӢ ГУНА АДО КАРДА ШУД?

ДАР ХОНА БИМОНЕД!

ХАР РЎЗ АЗ АХБОРИ МАМЛАКАТУ ҶАҲОН ТАВАССУТИ ШАБАКАИ МО ХАБАРДОР ШАВЕД.

# ЧАРО НАРХИ ГӮШТ ТО РАФТ ҚИМАТ МЕШАВАД?

(Аввалаш дар саҳ. 1).



### САРШУМОР МЕАФЗОЯД, ВАЛЕ...

Аз рӯйи маълумоти роҳбари шӯъбаи статистикаи ноҳияи Самарқанд Азимҷон Шарифов саҳми ноҳия дар бобати бо гӯшти моҳӣ таъмин кардани вилоят калон аст. Моҳиву мурғпарварӣ дар ноҳия ривоҷ меёбад. 13 хоҷагӣ бо парвариши моҳӣ шуғл меварзанд. Шумораи корхонаҳои мурғпарварӣ 81 адад аст. Ягон хоҷагии деҳқониву фермерӣ ба хукпарварӣ машғул нестанд.

> *Мувофиқи маълумоти ин идора саршумори молҳои калони шохдор дар нимсолаи аввал 45213 сарро ташкил мекунад. Суръати сабзиши он 101,6 фоиз аст. Қисми асосии ин молҳо, яъне 40382 сараш ба ҳисоби хоҷагиҳои ёрирасони деҳқонӣ тааллуқ доранд. Бузу гӯсфанд 104784 сар буда, 104,8 фоиз афзоиш ёфтааст. 101501 сари онҳо ба ҳисоби хоҷагиҳои ёрирасони деҳқонӣ аст.*

Бо вуҷуди афзоиши саршумори чорво истеҳсоли маҳсулот паст аст. Дар ин давра дар ноҳия 8072 тонна (бо вазни зинда) гӯшт истеҳсол карда шудааст, ки ин 65,3 фоизро ташкил мекунад.

### ҲУСН АЗ ДАҲОН МЕДАРОЯД

Дар байни халқи мо ибораи «ҳусн аз даҳон медарояд» маъмулу машҳур аст. Он на танҳо ба инсон, балки дигар ҷонварон ҳам тааллуқ дорад. Яъне, нағз хӯранд, хушрӯву зебо ва калону фарбеҳ мешаванд. Бинобар ҳамин, омили асосии тараққиёти соҳаи чорводорӣ ба хӯрокаи он вобаста аст. Дар хоҷагиҳои шахсӣ низ ин як муаммои калоне шудааст.

Базаи хӯроки чорво чист? Ин ҳаҷм ва сохтори хӯрокаҳо барои инкишофи соҳаи чорводорӣ ва таъминоти пурраи он аст. Боз ин хӯрока бояд хушсифат ва арзон бошад.

Ташкили базаи мустаҳками хӯроки чорво – шарти асосии ривоҷи соҳаи чорводорӣ аст. Он ба зиёдшавии саршумори чорво, баландшавии ҳосилнокии он, беҳтаршавии сифати маҳсулот ва пастшавии нархи он мусоидат мекунад. Исбот карда шудааст, ки меъёри маҳсулнокии чорво ба 50-80 фоиз ба хӯрока вобастагӣ дорад. Хӯрока дар баробари ин, бояд бо моддаҳои ғизонок сафеда, протеин, витаминҳо, микроэлементҳо бой бошад.

Хасбеда (сено) – онро дер ё барвақт даравандi ҳам, ғизонокии худро ба қадри 30-50 фоиз гум мекунад. Нағз хушк накунанд ҳам, таъсири бад дорад. Бинобар ҳамин, дар ҳисоби тонна он бисёр бошад, ки аз рӯйи ғизонокӣ ниҳоят паст аст.

Қувва дар картошкаи хӯрокаи чорво бисёр, вале баъди ҷӯшонидан дар таркиби он сафеда ва минералҳо кам мегардад. Картошкаи бисёр додан вазни молро аз ҳисоби равған зиёд менамояд.

Лаблабуи хӯроки чорворо ҳам кам мекоранд. Вале аз ҳар гектари он 1000-1300-сентнерӣ ҳосил гирифтан мумкин аст. Ҳоло дар бобати ҳосилнокӣ аз лаблабуи хӯроки чорво дида, лаблабуи қанд бештар аст. Ҳар як донаи он 17-18 кг. мешавад. Он аз ҷиҳати ғизонокӣ нисбат ба лаблабуи хӯроки чорво ду баробар зиёд аст. Лаблабу ба иқлим, касалиҳо ва ҳашаротҳои зараркунанда тобовар мебошад.

Кишти карам, каду, табачкаи хӯроки чорво ҳам кам аст ва ё аз ёдҳо фаромӯш гаштааст. Ҳосилнокии карами чорво 800-1000-сентнерӣ, термис (люпин) – 800-1000-сентнерӣ, чойҷувории қанд ва амарант – 2000-2500-сентнерӣ аст.

Аз маҳсулоти ғалладонагӣ ҳам хӯрокаи сабзи ширадор тайёр кардан мумкин аст.

### ДАСТГИРИИ ДАВЛАТӢ

Қарори Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз 29-уми январи соли 2020 «Дар бораи чорабиниҳои иловагӣ оид ба дастгирии давлатии соҳаи чорводорӣ» бо мақсади босуръат инкишоф додани соҳаи чорводорӣ, ҷорӣ намудани усулҳои замонавӣ ва инноватсионӣ, зиёд кардани ҳаҷм ва васеъсозии хелҳои истеҳсоли маҳсулот, инчунин мунтазам таъмин кардани аҳолӣ бо маҳсулоти хушсифат ва нархи дастрас қабул карда шуд. Дар он масъалаҳои ривоҷдиҳии ин соҳа, аз ҷумла, дар амал ҷорӣ намудани лоиҳаҳои инноватсионӣ, беҳтар намудани зоти чорво, роҳандозии корҳои наслгирӣ, инкишоф додани соҳаи тухмипарварии хӯроки чорво, истифодаи босамари замини кишти хӯроки чорво, дар асоси реҷа ташкил кардани тамоми соҳаҳои чорводорӣ, дуруст пеш бурдани корҳои селексионӣ таъкид гардидааст. Дар қарор, инчунин аз ҳисоби хазинаи давлатии дастгирии тадбиркорӣ ҷудо кардани компенсатсия зикр гардидааст.

Дар қарор масъалаҳои бисёр кардани саршумори чорвои хушзот ва наслгирӣ мавқеи муҳим дорад. Мо барои дар ин бора гирифтани маълумоти пурратар бо вакили Маркази ҳудудии чорво-насл дар ноҳияи Самарқанд Шаҳбоз Кубаев вохӯрдем.

– Ҳоло ривоҷдиҳии соҳаи чорводорӣ ва арзон кардани нархи маҳсулоти чорво яке аз вазифаҳои муҳим ба шумор меравад. Барои ин чораву тадбирҳои зиёде дида мешаванд ва иҷрои онҳо дар назди ходимони ин соҳа қарор доранд. Дар ноҳияи Самарқанд 38 хоҷагии фермерӣ мавҷуд мебошанд, ки дар соҳаи чорводорӣ фаъолият мебаранд. Аз онҳо 14-тоаш соҳиби мақоми наслпарварӣ бошанд, ки дар аксарияти онҳо моли наслдиҳандаи хушзот нестанд. Ҳол он, ки ривоҷи соҳаи чорводориро маҳз аз ҳамин гуна хоҷагиҳои наслпарварӣ сар кардан зарур аст. Яъне, дар навбати аввал ба ҳамин гуна хоҷагиҳои фермерӣ мувофиқи нишондоди моддаи 5-уми Қонун «Дар бораи хоҷагии фермерӣ» ба ҳар як сар моли шартӣ 0,5 гектар майдони обӣ ё 2 гектар замини лалмӣ ҷудо кардан зарур аст.

Инчунин, ба ин гуна хоҷагиҳои фермерӣ, ки ба кори наслгирӣ машғуланд, барои аз мамлакатҳои хориҷа овардани молҳои суперэлита бо ставкаҳои пасттарин кредит ҷудо карда шавад, он гоҳ ба пешравии соҳаи чорводорӣ муваффақ мегардем.

> *Барои зиёд кардани маҳсулоти чорво ва паст кардани нархи он базаи мустаҳками озуқаворӣ лозим аст. Мувофиқи нишондоди Қонун «Дар бораи хоҷагии фермерӣ» майдони кишти зироати хӯроки чорво барои хоҷагиҳои фермерии чорводорӣ ҳатмист. Ин яке аз омилҳои асосии пастшавии нархи маҳсулоти чорво ба ҳисоб меравад.*

Вале баъзан мо шоҳиди он мегардем, ки аз тарафи роҳбарони ноҳия ба хоҷагиҳои фермерии чорводорӣ маҷбурӣ супориш дода мешавад, ки ба заминашон ғалла, сабзавот ва ё маҳсулоти полизӣ коранд. Ҳол он, ки замини ин гуна хоҷагиҳо ба кишти зироати хӯроки чорво пешбинӣ шудааст. Вақте ки замин бо кишти зироати дигар банд шуд, онҳо хӯроки чорворо аз даст механд. Ин бошад, ҳам ба маҳсулдорӣ ва ҳам ба кам гардидани истеҳсоли маҳсулоти чорво таъсир мерасонад.

### МАСЪАЛАҲО ҲАЛ ШУДА ИСТОДААНД, АММО СУСТ...

**Зоҳир ҲАЙДАРОВ**, номзади фанҳои иқтисод:

– Зиёд кардани гӯшт ва арзон кардани нархи он ба чандин омил вобаста аст. Барои ривоҷ додани соҳаи чорводорӣ Президенти мамлакатамон чандин қарору фармон бароварданд. Ҳамаи онҳо ба ҳалли ин проблемаҳо равона гардонда шудаанд. Дар ин бобат, роли асосиро базаи хӯроки чорво мебозад. Мувофиқи маълумотҳо дар мамлакати мо таъминоти базаи хӯрока аз чор як ҳиссаро ташкил медодааст. Қарори Президент «Дар бораи чорабиниҳои иловагӣ оид ба дастгирии давлатии соҳаи чорводорӣ» махсус ба таъмини ему хошоки мол дахлдор мебошад. Чунон зироатҳои хӯроки чорворо кишт кунем, ки калориянокиашон зиёд бошанд. Ҳоло импорти молҳои зотиву сермаҳсулро зиёд кардем. Акнун бояд базаи хӯрокаи молҳоро мустаҳкам намоем.



Масъалаи дуввум, агар худи фермер замин надошта бошад, масалан, барои парвариши як гов 10 хол заминаш набошад, боз ба нархи гӯшт таъсир мерасонад.

Масъалаи саввум, аз комплексҳои калони чорвопарварӣ даст кашидан лозим аст. Ҳоло, ба фикрам, дар мамлакат 1,5 миллион сар моли калони шохдор ва тахминан 10 миллион сар бузу гӯсфанд мавҷуд мебошанд. Ба ҷойи поидани моли бисёр онҳоро ба халқ додан беҳтар аст. Баъде, ки доданд, бо ему хошок таъмин намоянд. Дар натиҷа мардуми бекор бо кор таъмин мегарданд ва молҳоро бо меҳру муҳаббат мепоянд. Баъде, ки тайёр шуд, боз онро харида гиранд.

> *Таъминот бо гӯшти мурғ хуб аст. Ҳоло он ба 100 фоиз расидааст. Вале гӯшти моҳӣ нисбати талабот 4 маротиба кам аст. Масалан, ҳар кас бояд ҳафтае як кило гӯшти моҳӣ хӯрад. Вале дар асл ин хел нест. Хӯрокаи моҳӣ аз Европа оварда мешавад, ки ин ҳам таъсири худро дорад.*

Барои арзон кардани нархи гӯшт давлат ғамхорӣ мекунад. Дар ҷӯлу биёбонҳо ва кӯҳҳо об баровarда, масоҳати кишти зироати хӯроки чорворо васеъ кардан, растаниҳои хӯроквории интенсивӣ коридан ба мақсад мувофиқ аст. Бо ин усул замини кишт ҳам камтар даркор мешавад ва бо ин роҳ ҳам имкони зиёд кардани гӯшт пайдо мегардад. Умуман, дар ин соҳа масъалаҳо ҳал шуда истодаанд, аммо ниҳоят суст аст.

## Мусоҳиба

# Истифодаи технологияҳои рақамӣ самаранокии корро афзун мекунад

Зоҳир ҲАСАНЗОДА

**Раҳбари давлатамон дар ҷамъомади навбатии видеоселекторӣ бори дигар таъкид намуд, ки аз қадимулайём адолат барои халқ мезони тинҷӣ ва ҳаёти фаровон, манбаи некӣ аст.**

**Мусоҳибаи мо бо раиси суди шаҳри Самарқанд оид ба корҳои шаҳрвандӣ Тӯлқин Усмонов дар атрофи ҳамин мавзӯъ ҷараён гирифт.**



– Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар Комуси Асосӣ – Конститутсияи кишвар ва стратегияи амалиёт, ки дар он устувории қонун ва таъмини манфиатҳои ҳуқуқии инсон кафолат ёфтаанд, таъмини адолатро дорад, – гуфт Тӯлқин Рӯзиевич. – Тавре ки Президенти мӯҳтарами мо дар Мурожиатнома ба Олий Маҷлис таъкид намуд, муҳимтарин вазифаҳо барои ояндаи наздик ин, пеш аз ҳама мустақилияти комили судҳо мебошад. «Суд бояд қӯрғони адолат бошад» гуфта буд, роҳбари давлатамон. Зеро соҳибқирон Амир Темур низ ҳикмати пандомез – «Нерӯ – дар адолат»-ро гуфтаанд. Ва агар мо барои ба даст овардани адолати судӣ аз нуқтаи назари таъмини риояи қатъии қонунҳо нигарем, аҳамияти суди одил дар ин самт равшан муайян мегардад. Сардори давлатамон таъкид кардааст, ки «Ҳар касе, ки ба идораи суд меояд, бояд бо боварӣ изҳор кунад, ки дар Ӯзбекистон адолат тантана мекунад. Ин талаботи Президент аст!»

Дар идораи мо шаш нафар қозиҳо ва 12 нафар ёрдамчиҳои онҳо фаъолият бурда, дар давоми шаш моҳи соли равон 1735 парвандаи шаҳрвандӣ баррасӣ гардид, ки нисбат ба соли гузашта 719-то кам аст. Бояд таъкид намуд, дар давраи ҳисоботи нимсола 35 низоъҳои меҳнатӣ, 80 мунозишаи оилавӣ, 139 хонаву манзил, 223 мулки ҳуқуқӣ ва 121 корҳои гуногун баррасӣ шуд.

**– Тӯлқин Рӯзиевич, сабаби нисбат ба соли гузашта кам шудани парвандаҳои шаҳрвандӣ дар чист?**

– Албатта, ин натиҷаи дар байни мардум гузаронидани корҳои тарғиботӣ, фаҳмондани маҷбурият ва ӯҳдадориҳои онҳо, баланд гардидани савияи дониши ҳуқуқии халқ аст. Аз рӯи реҷа дар тӯли шаш моҳ дар расонаҳои ахбори оммавӣ қариб 10 маротиба баромад кардем. Беш аз 30 фоизи маҷлиси суд ба тарзи сайёр гузаронида шуд. Боз як омили асосӣ – ба маънои асл дар амал татбиқ гардидани принсипи «на мардум ба мақомоти давлатӣ, балки мақомоти давлатӣ ба халқ хизмат кунад» мебошад.

**– Ба фикри шумо вазифаи таъхирнопазири қозӣ аз чиҳо иборат аст?**

– Ёд дорам. 13-уми июни соли 2017 дар шаҳри Тошканд бо иштироки раисони судҳои шаҳру ноҳияҳо, вилояту шӯрои олии судҳои ҷумҳурият, идораҳои ҳуқуқу тартибот анҷуман баргузор гардид, ки камина низ таклиф шуда будам. Дар анҷумани бонуфуз Президенти мамлакат Шавкат Мирзиёев нутқ эрод намуда, вазифаи мо – қозиҳоро муфассал таҳлил кард. Вай таъкид намуд, ки судяҳо барои таъмини суди одилона ва устувории қонун масъуланд. Бартарии фаъолияти онҳо бояд ҳалолӣ ва покӣ бошад. Ва дар ҳал кардани тақдири ҳар як инсон дар шуурамон – адолат, забонамон – ҳақиқат, қалбамон – покӣ ҳукмрон бояд бошад. Инчунин, ба қасамёде, ки назди халқ ва Президент додем, содиқ мондани мо ҳам қарз асту ҳам фарз.

**– Аҷиб, чӣ сабаб шуд, ки шумо пешаи қозигиро интихоб кардед?**

– Солҳои таҳсил дар мактаби рақами 21-уми ноҳияи Пастдарғам муаллимаи забони русӣ тавонист, ки ба асарҳои Пушкин, Толстой, Достоевский, Чехов, Бунин ва дигарон меҳру муҳаббат пайдо кунем. Шояд ҳамин дилбастагӣ маро ба факултаи филологияи руси Донишгоҳи давлатии Самарқанд овард. Соли 1979 пас аз соҳиби дипломи мактаби олӣ шудан, фаъолияти меҳнатиро дар мактаби зодгоҳ оғоз намудам. Баъди чанд муддат ба ташкилоти кӯмакрасонӣ мудофиаи «Ватанпарвар»-и вилоят ба кор гузаштам. Ҳамон сол ба шӯъбаи ғоибонаи факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Самарқанд ҳуҷҷат супорида, бахтам тофт. Сипас, ҳаёти ман бо суди байниноҳиявии Пастдарғам вобаста гашт. Соли 2002 каминаро суди ноҳияи Роҳи оҳани Самарқанд оид ба корҳои шаҳрвандӣ таъин карданд. Сипас, солҳои тӯлонӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ҳамчун раиси суди шаҳрвандӣ фаъолият бурдам. Нону насиба будааст, панҷ сол дар вилояти Сурхондарё ҳамчун раиси суди шаҳрвандӣ фаъолият бурдам. Аз соли гузашта раиси суди шаҳрвандии Самарқанд ҳастам. Оиланок, падари панҷ нафар фарзанд мебошам. Писарҳо Азизҷон, Абдуназар, Беҳзод, духтарҳо Мадинабону, Маҳлиё ва қариб 20 нафар набераҳо ворисони муносиби сулолаи мо ҳастанд.

**– Медонам, ки шумо серкор ҳастед. Агар вақти холӣ пайдо шавад, шуғли дӯстдоштаатон, яъне «хоббӣ» чист?**

– Раҳматӣ падари бузургворам Рӯзибобо директори мактаб ва модари муқаддасам Мунаввара Тағоева (илоҳо ҷояшон дар ҷаннат шавад!) мудири китобхона буданд. Аз ҳамин сабаб, мо, фарзандон аз бачагӣ ба адабиёт дил баста будем. Ҳоло ҳам ин анъанаи нек идома меёбад. Албатта, ба шоҳмот ҳам завқи баланд дорам. Зеро ин намуди варзиш дар тамоми дунё маҳбубият дорад, ки шарҳ доданӣ он лозим нест.

**– Дар сохтори суд чӣ навгониҳо татбиқ мегарданд?**

– Дар Барномаи давлатии татбиқи Стратегияи амалиёт оид ба панҷ самти устувори рушди Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар солҳои 2017-2021 дар «Соли рушди илм, маърифат ва иқтисодиёти рақамӣ» як қатор самтҳои муҳим ва вазифаҳои мушаххас пешбинӣ шудаанд, ки иҷрои он вазифаи таъхирнопазири ҳар як шаҳрванди кишвар аст. Ба мо супориш дода шудааст, ки системаи судиро дар асоси таҷрибаи пешқадам ва меъёрҳои байналмилалӣ аз рӯи принсипи «як суд – як поя» баррасӣ намоем. Воқеан, дар раванди фаъолият истифода намудани технологияҳои рақамӣ самаранокии корамонро зиёд кард. Минбаъд кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки суд ба маънои том ба қӯрғони адолат табдил ёбад.

## Муносибат

# Стратегияи миллии рушди статистика тасдиқ гардид

**Ҷӯрабек ХӮҶАЕВ**,
*сарвари шӯъбаи хоҷагии қишлоқи Садорати статитикаи вилояти Самарқанд*



Бо назардошти вазифаҳои дар Барномаи давлатии татбиқи Стратегияи ҳаракатҳо оид ба панҷ самти устувори рушди Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар солҳои 2017-2021 дар «Соли рушди илм, маърифат ва иқтисодиёти рақамӣ» муайяншуда, инчунин, бо мақсади такмилдиҳии сохтори миллии статистика, таъмини озодии мақомоти давлатии омор, афзунсозии шаффофият ва боваринокии маълумотҳои статистикӣ қарори Президенти мамлакат «Дар бораи чораву тадбирҳои боз ҳам такмилдиҳӣ ва ривоҷдиҳии сохтори миллии статистикаи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон» имзо гардид.

Дар асоси қарори мазкур самтҳои устувори такмилдиҳии сохтори миллии статистикаи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон муқарар карда шуд. Бояд гуфт, ки ташаккули маълумотҳои дакик ва эътимодбахш аз тарафи мақомоти статистика, афзунсозии сатҳи дақиқӣ ва ошкороии маълумотҳои оморӣ, аз ҷумлаи чунин самтҳои муҳим ба шумор меравад.

> *Яке аз ҷиҳатҳои муҳими қарор дар он аст, ки минбаъд Кумитаи давлатии статистика ваколатҳои худро доир ба ташаккули статистикаи расмӣ нововбаста аз тамоми мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо, ба таври мустақил амалӣ месозад. Маълумотҳои оморие, ки аз тарафи кумита тартиб дода шудааст, ба сифати ахбори расмии статистикӣ эълон карда мешавад. Яъне, барои дахл кардан ба фаъолияти қонунии мақомоти статистика иҷозат дода намешавад.*

Минбаъд Садоратҳои статистикаи ҳудудӣ, шӯъбаҳои шаҳриву ноҳиявии онҳо танҳо ба Кумитаи давлатии статистика итоат мекунанд.

Акнун ташкилотҳои оморӣ ба мақомоти давлатии ҳокимият ҳисобот намедиҳанд.

Боиси эътироф аст, ки дар асоси қарори мазкур Стратегияи миллии рушди статистикаи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар солҳои 2020-2025, инчунин аз рӯйи татбиқи он «Харитаи роҳ» тасдиқ гардид.

Инчунин, дар назди Кумитаи давлатии статистика Шӯрои ҷамотаӣ ташкил мегардад. Шӯрои мазкур мақомоти маслиҳатӣ ба шумор рафта, доир ба такмил додани фаъолияти кумита ва қонеъ сохтани эҳтиёҷи истифодабарандагон ба маълумоти расмии статистикӣ пешниҳодҳои худро баён месозад. Ғайр аз ин, шаффофият, ошкороӣ ва қулай будани маълумотҳои омориро таъмин намуда, барои ташаккули статистикаи муҳим, босифат ва боваринок ёрӣ мерасонад.

Бояд гуфт, ки имзо гардидани ин қарор барои ба зинаи нав баромадани фаъолияти мақомоти статистикӣ, ба мардум расониданӣ маълумотҳои амиқу беғалат ва рушди мамлакат хизмат мекунад.

Мавзӯи муҳим

# Мубориза бар зидди савдои одам кори тамоми ҷомеа аст

Маркази ҷумҳуриявии омӯзиши афкори умум «Ижтимоий фикр» ба мақсади омӯзиши дараҷаи огоҳии шаҳрвандони кишвар аз мушкилоти савдои одам, инчунин муайян кардани баҳои аҳолӣ ба самарабахшии кор дар маҳалҳо оид ба пешгирии ҷинояти марбут ба савдои одам пурсиши телефонӣ гузаронд.

Дар пурсиш шаҳрвандоне, ки дар тамоми минтақаҳои мамлакат зиндагӣ мекунанд – мардон ва занон, ҷавонон, намояндагони синнашон миёна ва калон (ҳамагӣ беш аз 500 нафар) иштирок карданд.

Натиҷаҳои бадастомада имкон медиҳанд, ки дар бораи дарк намудани тезутундии мушкилоти савдои одам аз ҷониби шаҳрвандони кишвар, идрок гардидани сабабҳои пайдоиши он, инчунин ошкор намудани фикру пешниҳодоти шаҳрвандон оид ба ташаккули стратегияи минбаъдаи мубориза бо ҷиноятҳои марбут ба савдои одам маълумоти холисона ва дақиқ дода шавад.

Пурсиши телефонӣ тасдиқ менамояд, ки дар шуури ҷамъиятӣ муносибати тоқатнопазир ва бениҳоят манфӣ ба шаклҳои гуногуни истисмор ва ҷиноятҳои марбут ба савдои одам бартарӣ пайдо мекунад.

Тадқиқот нишон дод, ки 84,5 фоизи ӯзбекистониҳо аз чунин мушкилоти иҷтимоӣ ба монанди савдои одам огоҳӣ доранд ва онро ҷинояти бар зидди шахс ба мақсади истисмор бо роҳи маҷбуркунӣ, фиреб ва қаллобӣ меҳисобанд. Баъзе пурсидашудагон ҷавоб доданд, ки онҳо дар бораи савдои одам комилан огоҳанд, баъзе пурсидашудагон дар бораи савдои одам ба таври умумӣ хабардоранд.

Пурсиши телефонӣ нишон дод, ки манбаи асосии ахбор дар бораи ҷиноятҳои марбут ба савдои одам телевизион мебошад. Бинобар ақидаи шаҳрвандон, онҳо инчунин дар бораи ин мавзӯъ аз манбаъҳои гуногуни интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ маълумот мегиранд.

Аксарияти мутлақи шаҳрвандон – 83,8 фоиз чунин ҷиноятҳоро «мушкилоти ҷиддӣ меҳисобанд, ки ҳаёт ва тақдири одамонро вайрон карда, онҳоро аз шаъну шарафи инсонӣ маҳрум мекунанд, мардон, занон ва ҳатто кӯдаконро қурбон мекунанд».

Дар ҷараёни пурсиши телефонӣ маълум шуд, ки ҷойи асосии заифи ҳамватанони мо дар назди одамфурӯшон, ки одамонро ба мол табдил медиҳанд, мушкилоти иқтисодӣ, хоҳиши беҳтар кардани вазъ дар муддати кӯтоҳ ба ҳисоб мераванд. Ин мардумро ба амалҳои даҳшатнок тела дода, онҳоро водор месозад, ки аз моделҳои хатарноки кирдори иқтисодӣ истифода баранд, ба муҳоҷирати ғайриқонунӣ, шароити истисмор ва шароитҳои меҳнати ғуломӣ розӣ шаванд.

Инчунин, пурсидашудагон мепиндоранд, ки паст будани дараҷаи маданияти ҳуқуқӣ, ба дараҷаи бояду шояд маълумот надоштани шаҳрвандон дар бораи имкониятҳои шуғли қонунӣ, надонистани оқибатҳои манфии шуғли ғайрирасмӣ, инчунин омилҳое ба ҳисоб мераванд, ки дар берун аз ҳудуди мамлакатамон дар ғуломии меҳнатӣ ва ҷинсӣ қарор ёфтани онҳо мусоидат менамояд.

Бинобар ақидаи иштирокдорони пурсиши телефонӣ ҷавонон, занон, бачаҳо, одамони дараҷаи маълумоташон паст ва маълумоти касбӣ надошта, бекорон, бачаҳои оилаҳои



эҳтиёҷманд гурӯҳҳои ночортарини иҷтимоӣ ба ҳисоб мераванд.

Пурсиш нишон дод, ки дар паҳншавии ҷиноятҳои марбут ба савдои одам сифатҳои шахсии шаҳрвандон ва хоҳиши зуд ба даст овардани даромад нақши манфӣ доранд. Бинобар ақидаи пурсидашудагон шаҳрвандони соддадил, сабукфикр, иродаашон суст ва ба худ боварӣ надошта ба доми шабакаҳои савдои одам меафтанд.

Дар доираи пурсиши телефонӣ маълум шуд, ки то чи андоза шаҳрвандон аз фаъолияти мақомоти давлатӣ ва раёсатҳои соҳаи мубориза бар зидди савдо дар маҳалҳо огоҳӣ доранд. Натиҷаҳои бадастомада нишон доданд, ки иштирокдорони пурсиш аз он ки дар Ӯзбекистон масъалаҳои мубориза бар зидди савдои одам ба дараҷаи сиёсати давлатӣ бардошта шуда, оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, такмил додани пойгоҳи қонунгузорӣ корҳои васеъмиқёс амалӣ мегарданд.

Иштирокдорони пурсиш боварӣ доранд, ки мубориза бар зидди савдои одам кори тамоми ҷомеа мебошад. Маълумоти нокифоя дар бораи кори мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идора дар маҳалҳо имкониятҳои дар шаҳрвандон ташаккул додани тасаввуротро дар бораи ҳодисаҳо ва чи гуна бо ин мушкилот мубориза бурд, фароҳам намеорад.

Пурсиши телефонӣ нишон дод, ки аксарияти мутлақи иштирокдорон (93,9 фоиз) ба ҳолатҳои фарзандони худро фурӯхтани занҳои ҷавон муносибати манфӣ доранд, омодагии худро ба муқобили ҳолатҳои савдои кӯдакон агар ин ҳолатҳо ба онҳо маълум бошанд, изҳор мекунанд. Иштирокдорони пурсиши телефонӣ маълумотро дар бораи ҳолатҳои фурӯши кӯдакон, ки дар воситаҳои ахбори оммавӣ чоп мешаванд, амиқ эҳсос мекунанд ва ба заноне, ки кӯдаконро мефурӯшанд ва ба онҳое, ки қасди ба даст овардани кӯдакро доранд, муносибати манфӣ доранд, нисбати савдогарони кӯдакон ба хашм ва нафрат меоянд.

Бинобар ақидаи шаҳрвандони пурсидашуда занонро барои кирдорҳои бемулоҳиза вазъияти молиявӣ, мушкилот дар ҳаёт, хусусиятҳои тарзи ҳаёт водор намуда, ба роҳи ҷиноят тела медиҳанд.

Инчунин респондентҳо сабабҳои фарзандони худро фурӯхтани занонро дар хоҳиши аз наздикон пинҳон доштани ҳомиладории номатлуб ва таваллуди кӯдак бе ақди никоҳ, ҳарчи зудтар халос шудан аз шармандагӣ ва маҳкумияти хешовандон нишон медиҳанд.

Пурсидашудагон дар рафти пурсиш қайд карданд, ки онҳо аксар вақт кӯдаконро на барои истисмор, балки ба хотири фарзандхондкунии ғайриқонунӣ мегиранд. Ба чунин кирдор танҳо касоне даст мезананд, ки расман кӯдакро ба фарзандӣ қабул карда наметавонанд ва ба қайдгирӣ хеле мураккаб буда, ҷамъоварии ҳуҷҷатҳои зарурӣ вақту кӯшишҳои зиёдро талаб мекунад.

Сабаби дигар ин суст будани таъсири қонунҳо мебошад: қонуншиканҳо барои хариду фурӯши кӯдакон ҷазои қатъӣ намегиранд ва баъзан ҳатто аз он барканор мемонанд. Иштирокчиёни пурсиш чунин мешуморанд, ки низоъҳо, муноқишаҳо дар оила ва талоқ низ метавонанд сабабгори фарзанди худро фурӯхтани модар гардад.

Пурсиши телефонӣ нишон дод, ки бинобар ақидаи шаҳрвандон савдои кӯдакон асосҳои ахлоқии ҷомеаи Ӯзбекистон, ниҳоди оила ва издивоҷро халалдор карда, ҳуқуқҳои кӯдакро поймол месозад. 56,5 фоизи шаҳрвандон иброз доштанд, ки бояд чораҳои ҷавобгарии ҷиноӣ барои ҷинояти ба ҷомеа хавфнок пурзӯр гардонда шаванд. Қисми зиёди иштирокдорони пурсиш чунин мепиндоранд, зане, ки кӯдаки худро фурӯхтан мехоҳад, барои ҳалли мушкилоташ ба кӯмак ниёз дорад. 46,5 фоизи пурсидашудагон қайд карданд, ки чунин занон ба кӯмаки психологӣ ниёз доранд, чунки пас аз таваллуди кӯдак ба туфайли вазъияти мураккаби зиндагӣ дар ҳолати ночор мемонанд, моҳият ва оқибатҳои эҳтимолии вазъиятро дарк накарда, ҷиноят содир мекунанд. Бинобар ақидаи 44,2 фоизи шаҳрвандон занҳое, ки бо кӯдаки худ дар ҳолати вазнин қарор доранд, бояд бо манзили муваққатӣ ва кор таъмин карда шаванд. 33,2 фоизи пурсидашудагон гуфтанд, ки ниёзманди дастгирии молиявӣ мебошанд. Тадқиқоти телефонӣ нишон дод, ки бино бар ақидаи шаҳрвандон бояд бо духтарон ва занони гурӯҳҳои хатарнок (аз оилаҳои камбизоат, ки бекор мондаанд, ҷудошуда, яккаву танҳо ва ғайра) корҳои профилактикӣ гузаронда шаванд.

Тадқиқоти телефонӣ андешаҳои шаҳрвандонро оид ба чораҳои муассиртарин барои пешгирии ба ғуломии меҳнатӣ ё шаҳвонӣ афтидани одамон муайян намуд. Омили асосии мубориза бо савдои одам ба ақидаи 75,5 фоизи иштирокдорони пурсиш бояд таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар минтақаҳои кишвар ва ташкили муҳоҷирати қонунии меҳнатӣ бошад, ки ғайриқонунӣ барои кор ба кишвари дигар рафтани шаҳрвандонро пешгирӣ мекунад.

Барои пешгирии савдои одам ва истисмори онҳо бинобар ақидаи 51,8 фоизи шаҳрвандон бо аҳолӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронда, сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон баланд бардошта, муҳоҷирони эҳтимолии меҳнатӣ дар бораи хатари шуғли ғайриқонунӣ дар хориҷа огоҳ карда шаванд.

Ҳар сеюмин пурсидашуда бар он ақидаанд, ки пурзӯр гардонда шудани ҷазо барои чунин ҷиноятҳо чораи муассири мубориза бо савдои одам мебошад.

Мувофиқи маълумоти бадастомада шароит фароҳам овардан зарур аст, ки имконияти содир кардани ҷиноятҳои марбут ба савдо ва истисмори одамонро истисно кунад. Ба ин муносибат шаҳрвандон зарурати ҳамкории байналмилалиро дар мубориза бар зидди савдои одамон дар Ӯзбекистон бо кишварҳои хориҷи наздик ва дур, ташкили марказҳо, хусусан дар минтақаҳо, фароҳам овардани имконият барои шаҳрвандон бобати рафтан бо роҳи қонунӣ, дастгирии ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ ҳам дар кишвари мо ва ҳам дар хориҷи кишвар қайд карданд.

*Бинобар маводи Маркази ҷумҳуриявии омӯзиши афкори умум «Ижтимоий фикр» мухбири ӮзА* **З.ҶОНИБЕКОВ** *тайёр кард.*

# Бозорҳо фаъолиятро барқарор карданд

**Акмал ҚУДРАТОВ,**
*ҷонишини раиси Иттиҳодияи бозор ва маҷмӯаҳои савдои вилоят*

Дар вилояти мо дар даври карантин низ бо мақсади таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти ҳаррӯзаи рӯзгор фаъолияти бозорҳои деҳқонӣ бе маҳдудият давом дорад. Вале дар фаъолияти бозорҳои ғайрихӯрокворӣ фосилаҳо шуданд.

Бо сабук шудани чораҳои карантин аз 15-уми август дар вилоятамон фаъолияти 58 бозор ва маҷмӯи савдо пурра ба роҳ монда шуд. Пеш аз оғози кор дар даромадгоҳи онҳо даричаи дезинфексия бо воситаҳои антисептикӣ гузошта шуданд. Шаҳрвандонеро, ки ниқоб напӯшидаанд, ба бозор даромадан намемонанд. Ба даромадгоҳи дӯконҳо ва дару тирезаҳои онҳо плёнка гузошта, ба таври доимӣ дизенфексия мекунанд. Дар маҷмӯаҳои савдо риояи масофаи иҷтимоӣ (2 метр) ва талаботи санитариву гигиенӣ назорат карда мешавад.

Дар бозорҳо ва маҷмӯаҳои савдо дар рӯзҳои муқаррарӣ ва бо тартиби қатъӣ гузарондани рӯзҳои санитарӣ муайян гардидааст.

Дил ба даст овардан

# Аз некӯкорӣ касе хиҷолат набарад

**З.ҲАСАНЗОДА**

**Дар асоси фармони сарвари давлатамон ба ҳар як аъзои дар «дафтари оҳанин» сабтшудаи оилаи камбағали вилояти Самарқанд 220-ҳазор сӯмӣ ёрии моддӣ тақсим мешаванд.**

То имрӯз ба 37 ҳазору 541 оила, ки 167 ҳазору 422 нафар аъзо доранд, 36 миллиарду 833 сӯм ёрдампулӣ ирсол гардид.

– Ба оилаи мо як миллион сӯм кӯмакпулӣ доданд, ки хеле сипосгузорам, – гуфт ногирони гурӯҳи дуюм аз гузари Хоҷа Аҳрори Валии ноҳияи Самарқанд Ҳусейн Ҳусейнов, – воқеан, дар шароити пандемия ин маблағ айни муддао гардид. Аз фурсат истифода бурда, барои ғамхорӣ ба сарвари давлатамон миннатдорӣ изҳор мекунам.

Кишоварзӣ

# Ганҷ аз пайи ранҷ



*Дар сурат: Карим Эргашев бо боғбони ҷавон Азамат Эркинов ҳангоми помидорчинӣ.*

**Комил ҶӮРАЗОДА**

Устухони Каримака Эргашев бо нони деҳқонӣ шах нашудааст. Падараш Абдуҳалимамак сарошпази тарабхонаи роҳи оҳан буд. Ӯ бо роҳи падар ҳам нарафт. Касби дигарро интихоб кард. Ба устои таъмири сабукравҳо шогирд истода, нозукиҳои ин касбро омӯхт. Якчанд сол бо ин кор машғул шуд. Аммо бӯйи рангу дуди ғализи кафшер ба саломатиаш таъсир расонд. Сипас, бо устоҳои дуредгар фаъолият бурд, худ устои гулдаст шуд.

Тирамоҳи соли 1995 бо ҳамсараш Санамапа ба ҳашари ангуркании додарарӯсаш Насимҷон Норбоев омаданд. Каримака мавзеи ободи хушҳавои ба қаторкӯҳҳои Илонсой наздик, боғзору токзорҳои сарсабзу серҳосилро дида, қалбаш ба фараҳ омад. Меҳри замин ба дилаш ҷӯш зад. Ҳини сӯҳбат инро ба додарарӯсаш гуфт. Инро шунида Насимҷон ба кори ҳақиқии деҳқонӣ таклиф кард. Дар аввал дудила шуд, ки зодаи Намозгоҳи шаҳр чӣ хел бо ин касб машғул мешавад? Оё аз ӯҳдааш мебарояд? Назди дӯсту душман сархам намешавад?

« Натавонед меомӯзем, нахоҳед маҷбур мекунем, ба кору маслиҳат мо тайёрем» – гӯён Насимҷон язнаашро ба бригадаи рақами 18-и собиқ хоҷагии «Мароқанд» гирифта омад. Сардори бригада Абдуазим Ҳакимов ба ӯ 0,80 хол токзорро супорид. «Каландро чуқур-чуқур ва бо қувва занед!» – баъзе ҳамкорон, сокини шаҳр будани ӯро дар назар дошта, писханд мезаданд.

Аз кору бори деҳқони, ки хабар надошт, дар аввал душвор гардид. Пурсида, ҷӯйида таҷриба зиёд кард. Ба нашъунамои навдаҳо бодиққат зеҳн монд. Душворие пеш ояд, аз токпарварони ботаҷриба маслиҳатҳо мепурсид. Ба он амал намуда, хатои худро ислоҳ мекард. Дар ҷойҳои холӣ ниҳоли нав шинонда, парвариш кард. Ҳосилдорӣ зиёд шуд.

Ҳоло синни аъзои хоҷагии фермерии «Холиқов Манон боғлари» Каримака ба шаст расидааст. Ӯ як гектар боғу як гектар токзор дорад. Соли равон «барф борид, ҳосилро хунук зад» – гуфта беъэтиборӣ накард. Дар вақтҳои карантин ҳам бо парвариши зироату боғдорӣ машғул буд. Каримака ҳоло аз асрори заминдорӣ бохабар, таҷрибаи ғанӣ дорад. Маслиҳати худро аз ҷавонон дареғ надошта, роҳи дурусти парвариши боғу токзарро нишон медиҳад. Ба синну солаш нигоҳ накарда, серғайрату чобук аст. Ҳар сол дар ҷойҳои холии боғ ҷӯя кашида қаланфур, каду, помидор, картошка мешинонад.

Моҳи майи соли ҷорӣ байни қатори себзорро бо трактор ронда ҷӯя гирифт. Аз кӯчатпарварон 4 ҳазор дона ниҳоли помидор харида шинонд. Ҳамсоябоғҳо кори ӯро дида хандиданд, ки дар сояи дарахти себ ниҳоли помидор намесабзад ва заҳмати беҳуда мекашад. «Аз мо ҳаракат, аз Худо баракат» – гӯён бе ҳеҷ дудилагӣ корашро давом дод. Вақти дастхоку каланд кардан зери ниҳолҳо пору рехт. Дар вақташ обу дору кард. Ниҳолҳо хуб нашъунамо ёфта, ҳосили фаровон медиҳанд. Имрӯз аз он помидорҳои сероби ширин ҳамсоябоғҳо ҳам истеъмол мекунанд.

– Каримака хислати аҷиб доранд, – гуфт ҳангоми сӯҳбат раиси хоҷагии фермерии «Холиқов Манон боғлари» Маъруф Холиқов. – Монанди дигарон маҳсулоти деҳқониро дар бозор намефурӯшанд. Ба хонаи додару хоҳар, қудою ҳамсоя ва ҷӯраҳояшон бо мошинашон бурда, тақсим мекунанд. Ягон ваҷаб заминро холӣ намонда оқилона истифода мебаранд. Дигаронро ҳам тарғиб мекунанд, ки ҷойи корам бисёр, об бемалол, замини офтобрӯяи ҳосилхез. Ба касби деҳқониву боғбонӣ меҳри беандоза доранд. Покизакор, то маҳсули заҳматаш табъи дилашон набарояд, ором намешаванд.

Навид

## Дар масҷидҳои Самарқанд намози ҷамоатӣ адо карда шуд



Баробари сабук шудани маҳдудиятҳои карантинӣ аз санаи 17-уми август намозгузорон дар масҷидҳои ҷомеи мамлакат ибодатро оғоз карданд.

Аз ҷумла, дар 285 масҷиди ҷомеи вилояти Самарқанд дар асоси риоя ба қоидаҳои карантин амалҳои ибодатро ба ҷо оварданд. Дар даромадгоҳи масҷидҳо роҳравҳои безараргардонӣ насб гардида, воситаҳои антисептикӣ ва ҳароратсанҷ гузошта шудаанд.

Субҳи барвақт бо вакилии саримом-хатиби вилояти Самарқанд З. Эшонқулов ва вакилони масъул намози бомдодро дар масҷиди ҷомеи Имом Бухорӣ хонда, дар ҳаққи тинҷиву оромии Ватан, дафъи балову офатҳо дуо карданд.

## Дар арафаи ҷашни истиқлол чанд рӯз истироҳат мекунем?

Мардуми Ӯзбекистон ба муносибати ҷашни 29-солагии истиқлоли кишвар 3 рӯз истироҳат мекунанд. Барои баъзе муассисаҳо рӯзҳои корӣ ва истироҳатӣ иваз мешаванд.

1-уми сентябри соли ҷорӣ рӯзи сешанбе аст. Ба ҳамин далел, барои кормандоне, ки дар як ҳафта панҷ рӯз кор мекунанд, рӯзи истироҳатии 26-уми август (шанбе) бо рӯзи 31-уми август (душанбе) ҷой иваз мекунад ва онҳо метавонанд паи ҳам се рӯз истироҳат кунанд.

Барои кормандоне, ки дар як ҳафта 6 рӯзи корӣ доранд, 31-уми август рӯзи иловагии истироҳатӣ аст.

## Мутахассисони рус ба Ӯзбекистон омаданд



Гурӯҳи тиббии иборат аз 40 нафар мутахассисони муассисаҳои бонуфузи тиббии Россия ба Тошканд омадаанд.

Мутахассисони русро, ки барои ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди коронавирус омадаанд, дар Аэропорти байналхалқии Тошканд кормандони Вазорати ҳифзи тандурустӣ пешвоз гирифтанд.

Реаниматологҳо, пулмонологҳо, мутахассисони бемориҳои сироятӣ, вирусологҳо, кардиологҳо, эндокринолог барин мутахасассисон дар давоми як моҳ бо шифокорони мо дар муассисаҳои табобатии коронавирус ҳамкорӣ мекунанд.

Алалхусус, мутахассисони рус дар клиникаҳои Пажӯҳишгоҳи эпидемиология, микробиология ва бемориҳои сироятӣ, Пажӯҳишгоҳи вирусология, Беморхонаи касалиҳои сироятӣ дар ноҳияи Зангиота, инчунин, дар беморхонаҳои махсуси як қатор ҳудудҳои дигари кишвар фаъолият мебаранд.

## Хариди асъори хориҷӣ 3 баробар зиёд шуд

Аҳолии Ӯзбекистон дар моҳҳои январ-июли соли ҷорӣ ба арзиши 2,5 миллиард доллар асъори хориҷӣ харид карданд. Дар ин бора Бонки марказӣ хабар дод.

«Валютафурӯшӣ»-и аҳолӣ дар муқоиса бо ҳафт моҳи аввали соли гузашта 50 дарсад, ё 842 миллион доллар афзоиш ёфт.

Ҳамчунин, шаҳрвандон дар ин муддат ба арзиши 2 миллиард доллар асъори хориҷӣ харид карданд, ки ин миқдор дар муқоиса бо моҳҳои январ-июли соли гузашта 3 баробар афзоиш ёфт.

Пажӯҳиш

# Се барги сабзи умедбахш

Саиди САЪДӢ

Баъд аз соҳиб шудан ба истиқлолият дар кишвар дар риштаҳои сиёсат, мафкура, иқтисодиёт, бавижа, дар ҳунару адабиёт нисбатан фазои озод ба вуҷуд омад. Дар воқеъ пештар аҳли эҷод иҷозат надоштанд, ки аз чорчӯбаи ба ном реализми сотсиалистӣ берун пой гузоранд. Ин методи эҷодӣ адибонро дар эҷодиёташон дар банду баст қарор дода буд. Имрӯз адибон ва ҳунарварон бо дасту пои боз ва бо афкори созгори даврони нав дар ҷустуҷӯҳои тозаи эҷодӣ ҳастанд. Нависандаю шоирон акнун ба тасвири қишру паҳлӯҳои тозаи ҳаёти ҷомеа мепардозанд. Мухолифату печидагиҳои рӯзгори инсонро амиқтар ва бо дидгоҳи тоза инъикос кардан мехоҳанд. Мисоли рӯшани ин мулоҳизаи мо китоби тозанашри «Се барги сабз» (Тошканд, соли 2019) мебошад. Дар ин маҷмӯа ҳикояҳои се нависандаи муосири тоҷики ҷумҳурӣ гирд оварда шудаанд. Юнуси Имомназар ва Шарифи Халил аз лиҳози синну сол миёнсоланд, вале аз ҷиҳати оғози фаъолияти эҷодӣ ҳанӯз тозакоранд. Фаридуни Фарҳодзод ҳам аз лиҳози синну сол ва ҳам муддати эҷодиёт ҳоло ҷавон маҳсуб мешавад. Қариб кулли ҳикояҳои китоб ба мавзӯъю масоили зиндагии муосир бахшида шудаанд. Боз як умумияти ҳикояҳои ин нависандагон дар он аст, ки бештари навиштаҷоти онҳо аз ҳаёту фаъолияти ҷавонони имрӯза, бахусус, донишҷӯёну донишомӯзон ҳикоят мекунанд. Ҳар се адиб кӯшиш кардаанд, ки ба рӯзгори муосир жарфтар назар карда, низоъ ва душвориҳо, фарозу нишеб ва зиддиятҳои онро бо тасвири бадеӣ нишон диҳанд. Аз ин ҷост, ки хонанда рӯҳу равони замони навро аз ин асарҳо возеҳ эҳсос мекунад. Ҳар адиб рӯйдодҳои ҳаёти ба худаш наздик ва маълумро амиқтар дарк мекунад.




Чанд ҳикояҳои ин маҷмӯа аз мавзӯъи ҷавонӣ ва ишқ нақл мекунанд; ҳикояҳои «Пушаймонӣ», «Шавҳар намегурезад»-и Юнуси Имомназар, «Гулҳои ошиқ»-и Шарифи Халил, «Шаҳзода»-и Фаридуни Фарҳодзод аз ҷумлаи ин ҳастанд. Дар ин ҷо беихтиёр суоле дар шуури хонанда пайдо мешавад, ки нависанда ба ин мавзӯъи ҷовид ва ҳамешагии адабиёту ҳунар даст зада, чӣ чизи тоза ва ҳанӯз обнарасида гуфтаанд? Ба ин пурсиш посухи мусбат бояд дод. Қаҳрамонони ҳикояи «Пушаймонӣ» Нозанин ва Парвин ҳамдигарро самимона дӯст медоранд. Вале онҳо амакбачаанд. Нозанин аз боиси каммаърифатии худ дар бораи оқибати ишқи пурсӯзи хеш андеша намекунад. Аммо Парвин, ки худ пизишк буда, роҷеъ ба оқибатҳои нохуши ин издивоҷ маълумот андӯхтааст, дар ин хусус бисёр андеша мекунад. Ӯ роҷеъ ба издивоҷ дудила аст. Нависанда дар характери Парвин мубориза дохилии эҳсосоти қалб ва хирадро возеҳ нишон медиҳад. Дар ин пайкору низоъи эҳсосот ва ақл ниҳоят аввалӣ пирӯз гардид. Дар тасмими издивоҷи Парвин нақши падару модар ва дигар хешовандон калон буд. Дар ин ҳикоя инчунин мубориза байни суннатҳои миллӣ ва дастоварду кашфиётҳои тозаи илми замони муосир ба тасвир кашида шудаанд. Суннатҳои миллӣ хусусиятҳои мусбат ва манфӣ доранд. Тарафҳои мусбати онҳоро боз ҳам бояд равнақ дод. Суннатҳои манфии онҳоро бояд рафъ намуд, ки вагарна ба пешрафти ҷомеъа монеъ мешаванд. Дар ҳикояи «Пушаймонӣ» ғалабаи суннатҳои номатлуб мувақкатист. Хонанда аз рафти инкишофи ҳодиса дармеёбад, ки пирӯзии суннатҳои пешгом ва матлуб ногузир мебошад. Юнуси Имомназар дар ҳикояи «Шавҳар намегурезад» ҷониби дигари мавзӯъи ишқ – муносибати нав ва кӯҳна нисбат ба мавқеъ ва мақоми зан дар ҷомеро пеш мегузорад. Дар ин ҳикоя ақида ва муносибати нав ва пешқадам нисбат ба ҷойгоҳи иҷтимоии зану духтарон бар алайҳи афкору муносибати кӯҳна ва муҳофизакорона пирӯз мешавад. Ин гуна ҳалли масъалаи таҳсилу фаъолияти духтарон мутобиқи ҳақиқат ва рӯҳи замон аст. Нависанда дар ҳикояҳои худ симои қаҳрамонони мусбати худро ба дараҷаи идеалӣ тасвир намекунад. Қаҳрамонони ӯ ашхоси воқеӣ, ҳаётӣ ва зинда тасвир шудаанд. Характери Ёсуман аз ҳикояи мазкур аз ин ҷумла мебошад. Дар ҳикояи «Шавҳар намегурезад» симои Дилноза ном дугонаи Ёсуманро адиб ба ӯ зид гузоштааст. Ёсуман донишҷӯи батамкину баандеша аст. Ӯ ба донишандӯзӣ майлу алоқаи зиёд дорад. Дилноза баръакси ӯ духтарест, ки ба ном донишҷӯ аст, ӯ дар амал ба таҳсил, ба омӯхтани дониш рағбат надорад. Ӯ фарди дар таҳсилу ишқварзӣ каме сабуксору шитобзада аст. Дар натиҷаи чунин хислату рафтори саҳлангориаш Дилноза дар зиндагӣ пешпо мехӯрад. Оре, баъзан сарнавишти шахс ба феълу хӯи ӯ вобаста аст. Феълу хӯй ва рафтори фард чӣ гуна бошад, тақдираш ҳам ба он пайвандӣ дорад. Нависанда ин ҷо аз санъати тазод истифода бурда, ба ин васила муваффақ гардидааст, ки характери қаҳрамони асосии асар Ёсуман боз ҳам рӯшантар ва дурахшон ба ҷилва ояд. Нависандаи ҷавон Фаридуни Фарҳодзод дар ҳикояи «Шаҳноза» ишқи нокоми қаҳрамони худро тасвир кардааст. Чунонки мебинем ин мавзӯъ дар ҳунару адабиёт хеле масъалаи ҳамешагӣ ва такрор аст. Лекин бисёр устодони каломи бадеӣ ин мавзӯъро ҳар кадом ба тарзи худ ҳал карда, дар ин бобат сухани тоза гуфтаанд. Фарҳодзод низ кӯшиш кардааст, ки дар ин масъала каму беш аз худ чизи наве бигӯяд. Аён аст, ки нависанда дар тасвири эҳсосоти қалби қаҳрамонони асосии худ маҳорати эҷодӣ зоҳир кардааст. Хонанда ба самимӣ будани ишқи ӯ бовар мекунад. Аммо хонанда ба самимӣ ва аз тахти дил будани муҳаббати Шаҳзода чандон эътимод намекунад. Зеро Шаҳзода баъд аз фотиҳа шудан ба писари амааш гӯё ишқаш якбора ба дӯстписараш сард мешавад. Баногоҳ ва ғайричашмдошт аз маъшуқааш робитаро қатъ мекунад. Аз ҷониби як донишҷӯдухтар дар даврони муосир бо он ҳама даъвои «ман шуморо дӯст медорам» бо дӯстписари худ паймоншиканӣ кардани Шаҳзода аз «ишқи» ӯ шаҳодат намедиҳад. Пас ин муҳаббати ӯ самимона ва воқеӣ набудааст. Нависанда мебоист ба ин тарафи масъала андаке рӯшанӣ меандохт. Шарифи Халил дар ҳикояи «Гулҳои ошиқ» муҳаббати ҳақиқии зану шавҳарро бо як реализми хос, бо эҳсосоти самимӣ ба тасвир кашидааст, ки ин ишқи онҳо эътимодбахш ба назар мерасад.

Имрӯзҳо садҳо ҳазор мардуми мо ба мамолики мутараққӣ аз паи дарёфти пули ҳангуфт ба мусофират рафта, дар он ҷо ба мардикорӣ, мураббиягӣ ва дигар шуғлҳо мепардозанд. Хикояҳои «Ҷавонию бесарӣ»-и Юнуси Имомназар, «Ифтихор»-и Шарифи Халил ва «Чун модаркалон даргузашт»-и Фаридуни Фарҳодзод ҳамин мавзӯъи мусофиратро инъикос мекунанд. Падидаи мусофират ва кор дар хориҷа ба як ҳодисаи типӣ ва ҳатто метавон гуфт оммавӣ табдил ёфтааст. Дар ҳаёти ҷомеаи мо ин равия тарафҳои мусбат ва манфии худро дорад. Бояд гуфт, ки зиёнҳои маънавии ин падида нисбат ба манфиатҳои моддиаш бештар аст.

(Давомаш дар саҳ. 7).

Аз таърихи деҳаҳо

# Чаро маҳалларо Қумзор мегӯянд?



Шукруллохон ВАЛИЗОДА,
сокини маҳаллаи Қумзори ноҳияи Самарқанд

Қумзор гуфта, ҷоеро мегӯянд, ки хоки замини он бисёртар аз қум иборат аст. Дар ҳақиқат, хоки замини деҳаи мо серқум мебошад ва обро зуд ба худ мекашад. Аз ҳамин сабаб, ҳангоми шикастани замин қувваи бисёрро талаб намекунад ва ниҳоят ҳосилхез аст. Ба даруни ҷӯйҳо нигаред, аз байни оби соф қуми таги ҷӯ ба назар мерасад.

Сабаби дигари Қумзор ном гирифтани маҳаллаи мо чунин аст: деҳа дар шафати ҷӯйи калони Даштак воқеъ мебошад. Пештар дар ин ҷо захираи калони қум ҷой гирифта буд. Онро мардум барои табобати бемориҳои шамолхӯрии дасту пой, дарди миён ва ғайра истифода мебурданд. Яъне, худро дар қум «гӯр карда» шифо меёфтанд. Ба ҳамин мақсад, ҳатто аз гузару маҳаллаҳои шаҳр ҳам гурӯҳ-гурӯҳ одамон барои табобат меомаданд. Ду-се маротиба, ки омаданд, аз дард фориғ мешуданд...

Бо мурури замон заминҳои бекорхобида ба киштукор омода карда шуд. Роҳҳои нав сохтанд. Ҳоҷатмандон барои сохтмони биноҳои худ қумҳоро кашонида, истифода бурданд. Ҳатто ба як қисми ҷойҳои қумзор хонаҳои истиқоматӣ қад афрохтанд. Дар натиҷа, аз қуми шифобахш асаре боқӣ намонд...

Мардуми ин деҳа, ки дар шафати ҷӯй зиндагӣ мекунанд, асосан бо деҳқонӣ, токпарварӣ, боғбонӣ машғул мешуданд. Зайнибоборо, ки бо токпарварӣ сару кор дошт ва солҳои баъдиҷангӣ фаъолият нишон додааст, мардум то ҳол ба некӣ ёдоварӣ мекунанд. Ӯ ҳосилро то Наврӯзи соли оянда, мисли ангури нав аз ток кандагӣ нигоҳ медошт. Боз косибон, собунгарон, устоҳои сандуқсоз, телпакдӯз ва ғайраҳо бо меҳнати ҳалоли худ машҳур гашта буданд. Якчанд нафар бо тайёр кардани помидору бодиринг ва бойимҷони намакхӯрда ном баровварда буданд ва миҷозон кофта, ба хонаҳояшон меомаданд...

Дар айни замон якчанд нафари онҳо анъанаҳои гузаштагонро давом медиҳанд. Қисми дигар бо тадбиркорӣ ва касбу корҳои нав сару кор доранд. Аз байни ҷавонон дуредгару наққошон, гилкору гачкорҳо, ронандаҳои моҳиру ошпазҳои шириндаст баромадаанд. Хонадоне нест, ки бо чорво ё паррандапарварӣ машғул набошад. Аз токпарварони имрӯза писарони Ашрафака, Рофеъбобо, Шукуруллоака, Ҳакимбобоҳоро номбар кардан мумкин аст. Онҳо дар мавзеи Янгиариқ ва ҳавлиҳои худ фаъолият нишон дода, ҳосили фаровон ба даст меоваранд.

Мо бо онҳо, ки номбардори деҳаанд, фахр мекунем. Дастархони тӯёнаи мардуми мо ва шаҳриён бо нозу неъматҳои онҳо оро меёбанд. Пирон ва фаъолони маҳалла дуогӯйи онҳоянд.



# 12 мактаби такягоҳии ба фанҳои кимиё ва биология ихтисосонидашуда таъсис меёбад

Бо мақсади куллан беҳсозии сифати таълими фанҳои кимиё ва биология, татбиқи сохтори навини таълими фанҳои зерин дар мактабҳои таълими умумӣ, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо лабораторияҳои замонавӣ, китобҳои дарсӣ ва дигар таҷҳизоти хонишӣ, ба ин соҳа ҷалб кардани омӯзгорони соҳибтаҷриба қарори Президенти мамлакат «Дар бораи чораву тадбирҳои афзунсозии натиҷадории илму фан ва сифати таълими бефосила дар самтҳои кимиё ва биология» имзо гардид.

Мазмуну моҳияти қарори мазкур дар рафти онлайн-мулоқот, ки бо иштироки роҳбарияти Садорати таълими халқи вилоят ва шӯъбаҳои ҳудудии он, кормандони масъул, услубшинос ва педагогҳо доир гардид, омӯхта шуд. Дар рафти мулоқот доир ба иҷрои саривақтии вазифаҳо ва чораву тадбирҳое, ки дар қарор зикр гардидааст, фикр иваз намуданд.

Бояд гуфт, ки мутобиқи қарор дар 12 шаҳру ноҳияи вилоят фаъолияти мактабҳои такягоҳии ба фанҳои кимиё ва биология ихтисосонидашуда ба роҳ монда мешавад.

Аз ҷумла, дар соли хониши 2020-2021 мактабҳои таълими умумии рақами 14-уми шаҳри Самарқанд, рақами 45-уми ноҳияи Оқдарё, дар соли хониши 2021-2022 мактабҳои рақами 2-юми шаҳри Каттақӯрғон, рақами 22-юми ноҳияи Булунғур, рақами 51-уми ноҳияи Иштихон, рақами 34-уми ноҳияи Қӯшработ, рақами 43-юми ноҳияи Нарпай, рақами 10-уми ноҳияи Нуробод, рақами 30-юми ноҳияи Тайлоқ, рақами 33-юми ноҳияи Самарқанд ва мактаби таълими умумии рақами 56-уми ноҳияи Каттақӯрғон ба сифати мактабҳои такягоҳии ба фанҳои кимиё ва биология ихтисосонидашуда аз нав ташкил карда мешаванд.

*Хизмати матбуоти Садорати таълими халқи вилоят.*

Маҳбуба ТУРСУНОВА

# Дуои чормағзак

(Ҳикоя)

Чормағзак мисли парастораш – падаркалон рӯзи дароз дар зери сояаш хобида, акнун хеле пири фартут шуда буд. Вай ҳамеша бо баргакони ларзонаш пирамардро аз нурҳои офтобу гармо ҳимоят мекард. Падаркалон кайҳо боз аз гуфтор монда, мақсадашро ба аҳли хонадонаш гуфта наметавонист. Зани тундхӯяш Соатойбибӣ ҳатто дар ҷавонии бобо ӯро писанд намекарду бо маъшуқҳояш борҳо ҷойи ӯро иваз карда буд, акнун интизор буд, ки пирамард зудтар дафъ шуда бимираду ақаллан дар охири умраш аз нигоҳи дурбинаш халосӣ ёбад. Вақтҳое ки чормағзак акнун реша медавонд, падаркалон бо сатилҳо ба бехаш об мерехт, атрофашро нарм карда, пору меандохт. Навдаҳои нозукашро бо ходаҳо мебардошт, ки шамол нашиканад. Аз ҳар гуна офатҳо халос мекард: аз зери пӯстлохи вай ҳар гуна ҳашароту кирмҳои дандонарраро ёфта баровcovering, ба оташ мепартофт. Он замонҳо боғи падаркалон пур аз аҷдоди чормағзак буд. Боғи сарсабзи чормағздор ифтихори падаркалон буд. Чунки онро худаш бо дастонаш бунёд карда, оқибат он ба хонадону фарзандонаш манбаъи даромад шуда буд. Дар бозорҳо чормағзҳои ӯро бо нархи баланд харида, ҳатто баъзе харидорон кофта, то боғаш меомаданд.

Он замонҳо обрӯйи чормағзак бағоят баланд буд. Меваҳояш аз меваҳои чормағзҳои дигар калонтару серравғантари хуштаъм гӯён ба харидорони нозуки серпул фурӯхта мешуд. Он замон кӯдакони падаркалон гапгираки чобук буданд. Гуфтаҳои боборо фавран ба ҷо меоварданд. Ба падар тақлидкунон кор мекарданд. Паррандаҳои чормағздуздро меронданд, шохҳои хушкидаю шикастаро чида, зери чормағзҳоро озода менамуданд.

Кӯдакҳо акнун мардак шудаанд. Дар се тарафи боғ барои худ макони алоҳида сохтаанд. Маконҳояшон сари шаст хоҳарони чормағзакро хӯрдааст. Онҳоро бурида решаков карда, роҳу пайроҳаҳо, долону меҳмонхонаҳо, толору болохонаҳо сохтаанд. Ҳамагӣ аз пули чормағзҳои хоҳаракони азизи чормағзак.

Акнун ҳама ҷо пури сабзаю гулҳо, майдончаҳои сангфарш, хиштҳои рангаи зебо. Кӯдакон куҷое хоҳанд, медаванд. Озод бозӣ мекунанд, минбаъд аз дарахт намеғалтанд. Барои арӯсҳо мусоид гардид: хазонрӯбию чормағзафшонӣ ташвиши калон буд. Пиразан ҳам дигар бозоршинӣ карда намегардад. Ҳамин ягона чормағзи соябони пиракӣ ҳам яктарафа мешуд, кори боғнишинҳо боз ҳам сабуктар мегардид. Ин чӣ гап? Дар шаҳрҳо ягон дарахти чормағзро намебинӣ. Ягон кас нобуд нашудааст. Умри азизи пиразанро чормағззори мардаки бемағз хӯрд. Акнун нағз шуд, хеле нағз. Барои чормағз ғун кардан, чормағзпулӣ шуда, миёни бачаҳою арӯсҳо ҷанҷол намешавад.

Пиразан ба сӯйи падаркалон ҳатто нимнигоҳе накарда, барои гирифтани нафақаи бобо меравад, то ки рӯзи дигар зодрӯзашро бо обу зиёфати чор кас медидагӣ гузаронад. Чашмони пирамард хира бошанд ҳам, гӯшҳояш шунаво. Роҳгузаронро аз садои пою нафасгириашон мешиносад. Вай болои симкат хобида, фақат хаёлан сухан мекунад, чунки забон надорад. Вақте ки писаронаш ба буридани чормағзҳо оғоз карданд, ба ҳамин дард гирифтор шуд. Вақте онҳо кӯдак буданд, ба фаҳми неку бад ҳам мерасиданд, ба фаҳми фоидаю зарар ҳам. Зан гирифта, фаҳмишашон кунд шуд. Робот шуданд. Пирамард дар боғаки биҳиштмонандаш яккаю танҳо зору низор монд. На ҷанҷол карда тавонист, на насиҳат. Рӯзе бачаҳо арраро ба бехи ҳамин чормағзак расонданӣ шуданд, ки давон омаду танаи чормағзакро бо ҷуссааш маҳкам дошт ва оби чашмонашро равон карда, кӯдакввор гуфт:

– Маро бо чормағзак якҷоя буррред!

Бачаҳо ҳаргиз надида буданд гиряи падарро. Сонӣ, аҳволи ӯ вазнин шуд. Ғамхорона рӯйи кати оҳанинаш хобонданд. Шамол доданд. Духтурарӯс укол кард, арӯси фурӯшанда болояшро пӯшонд, арӯси хонанишин тарсида як тараф истод. Се писар дасту пойҳои ӯро молида, базӯр ба худ оварданд.

Падар чашмашро кушоду забонаш кушода нашуд. Сабаби чунин аҳволи пирамардро ба касе нагуфтанд. Хушбахтона, забони гирифтаи ӯ бачаҳоро аз ташвишу заҳмат халос кард.

– Як гуфтагекамон будааст-дия, гунг шуданашон ба фоидекамон шуд. Вагарна ҳамекамон тагторин мерафтем, – пичиррос зад писари қозияш.

– То мурданашон дарахт гуфта мемуранд ин қишлоқиҳо, – хулоса кард муҳандиси доно, – мо шаҳр сохтанӣ-ю...

– Нохонда-дия, аз соддагиашон намемонанд, – илова намуд фермерписар.

Се сол гузашт. Аҳволи падаркалон як хел. Дар сояи чормағзак то боридани барфу борон мехобад. Фақат як набераи беақлак ба вай ошу нон оварда медиҳад. Кори дигарон бисёр. Ҳамаашон аз зери чормағзак гузашта ба кор мераванд. Ҳамин сол зимистон гарм омад. Чормағзак зуд муғҷаю гул кард. Меваи бисёр андохт. Дере нагузашта, аз нав хунуки сахт шуд. Ҳосили чормағзак нобуд шуд. Рехт. Чормағзак чун аз бори зиёд фориғ гардид, калонтару сершоху барг шуд. Бағоят зебою серсоя гардид. Баргҳои паҳни тару тозааш ба рӯйи падаркалон гоҳ-гоҳ расида, навозиш медоданд ва пирамард чашм кушода, бо дастонаш эҳтиёткорона онҳоро як сӯ менамуд.

Аммо ҳамин пагоҳӣ шохаки хамидаи дарахт мӯйи пахмоқи пизишкарӯсро сахт кашида, доду фиғонашро баровард. Хуб кард. Тамоми боғро бо пайрораҳаҳо оро дода бошанд ҳам, ҳамаашон ҳатман тоб хӯрда, аз зери чормағзак мегузаранд. Пизишкарӯс каме фаромӯшхотир. Аммо фурӯшандаарӯс бадкина. Вақте ки сақич хоидаю сурудхонон мегузашт, шохаки хамида ба даҳонаш даромада, сақичашро кашола карда ба биниаш часпонд. Ҳарорату фишшоси фурӯшанда баланд шуда рафт, сақичи зормондаро канданаш душвор шуд. Муҳандиспaсар бегоҳ аз кор омада, шохро бурида партофт. Хонашинарӯс қаддароз набошад ҳам, пошнаҳои баландаш ба шохаки буридаи зери пойҳо хобида печида афтид ва мисли чалпак паҳн шуд. Агар модаршӯй намебардошт, то аз кор омадани мардакаш аз ҷояш нахеста, фактро нишон медод. Мардакчаи меҳрубон ӯро пушторакунон назди шикастабанд бурду то гарданаш докапеч кунонда овард. Писараш бо забони дароз ҳамаи шохҳои дарози чормағзакро озод, аз падараш шарм накарда, бурида партофт. Ва ҳар бори шунидани садои табарзанӣ падаркалон як қад-як қад мепариду чизе гуфта наметавонист.

Пирамардро он шаб зарбаҳои табар ба ҳаяҷони сахт оварда, фишори хунаш баланд шуда, оқибат хун ба сараш шорид. Ба духтур набурданд. Духтурҳои инзамона аз фолбинҳо зирактар. Дарҳол сабаби бемориро ташхиси бехато мекунанд. Оқибаташро қозиписар огоҳ кард. Аз ҷояшон наҷунбанд, албатта худи падар ҳам ба касе бадӣ карданӣ нестанд. Муранд, мемуранд, ки ҷигарбандони худро намефурӯшанд. Ба таги дилашон шуд: беташвишак мурданд.

Чормағзаки бечора аз таъсири шамоли сахти оншаба ғуввосзанон садо баровард. Садояш гиряи пуралами шахси аз меҳрубони худ ҷудогаштаро мемонд. Баргҳои паҳнаш чапакзанон сӯзи дилашро ба атроф паҳн менамуданд. Вай дигар нафасгирии одамаки ғамхорашро, ки аз нобуд шудани аҷдодаш ба дарди бедаво мубтало гардида, охир ҷон супорид, намешунавад. Навозиши ангуштони меҳнатии пирамардро ҳис нахоҳад кард. Ана, табиат ҳам ба марги ин одамаки пурмеҳнати заҳматкаш болои сар ашкҳои боронӣ фиристод. Ашкҳо рӯйи баргҳои ларзон лағжида, ба шохакони ҷароҳатдидаю табаррасида фаромада, то ба появу решаҳои чормағзак мерасанд. Болои сари вай аввал нур, пас садои раъд мебарояд. Тӯфон пуршиддаттар мегардад. Равиши шамол мисли санги осиё пурқуввату тезҳаракат шуда, аз боми хонаҳо тунукаю тахтаҳоро канда, ба осмон даҳҳо, садҳо метр баланд бароварда, ба ҷойҳои дур мебарад. Чормағзак акнун худро ҳимоят карда наметавонад. Дигар дар зераш касе тиргаку чӯбҳои такягоҳ нагузоштааст. Дигар қувваи пирамард нарасида буд, ки шохакони хушкидаашро аз болои сари чормағзак мисли сартарошҳо қайчӣ занад. Ғамхоракаш акнун нест. Ба маргаш касе ғаме нахӯрд, фарёде накард.

Вай шохҳояшро болотар намуда, хост мисоли парранда парвоз намояд, аз ҳамин хел макони ғафлатзадаи пур аз бераҳмӣ, аз миёни гурӯҳи кӯрдилони ҷоҳил биравад. Вале решаи дар замин устувораш ба танааш имкони ҷунбидан намедод. Борон мавҷзанону шамол чархзанон шохаконашро албонҷ медоданд. Касе берун баромада, хабар намегирифт. Мурдаи падарро дар хонааш танҳо гузошта, тарсону ларзон хона ба хона шуда буданд. Пиразан мисли ҳамешагӣ дар зиёфате арғушт мерафт.

Замоне пирамард ба ҳамаи онҳо ғамхору меҳрубон буд. Ҷойдору ҷойнишинашон намуд. Ғамхории пирамардро фарзандон надонанд ҳам, чормағзак медонад. Бо баҳои ҷон ӯро аз теғи арра раҳонид. Акнун вай намехоҳад, ки...

Ногаҳон равшании барқ оташ шуда, аз осмон боридан гирифт. Шамшери тезу дарози паҳн ба фарқи сари чормағзак зад. Шохҳои ғафси дарозашро шамоли тӯфон бардошта, аз бомҳо болотар баровард. Вале боз як чароғаке шуду танаи ғафси дарахти бечораро болои мошинҳои дар роҳрав қатористода гирифта зад. Дар як мижазанӣ садои таркиши даҳшатнок баромад. Касе аз тарс берун намебаромад.

Субҳ аҳли хонадон аз хоби ғафлат хеста, як-як аз дарҳо берун омаданд, ки барои ҷасадро гӯрондан маслиҳат кунанд. Дар роҳрав ҷасади мошинҳоро дида, дар ҷояшон шах шуданд.

Пиразани айёри бало аз куҷое хабардор шуда миёни боғ бори дигар тамошои қалбакиашро сар кард:

– Замину осмон дар ҳақи шумо нолид, паҳлавонакам!

# Корвонсолори илму маърифат

(Аввалаш дар саҳ. 1).

Устод Айнӣ ҳам дар бораи Хавофӣ дар асари худ «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ихтисоран чунин навиштааст: «Улуғбек он шахсро пеши худ талабид, аз ӯ дар бораи илмҳои гуногун чизҳо пурсид. Ӯ ба ҳамаи масъалаҳо ҷавобҳои муносиб дод. Чун он шахс мувофиқи даъвои худ баромад, Улуғбек ӯро ба ҳаммом фиристод, либосҳои хоси хешро ба ӯ пӯшонид ва ӯро пеши Қозизодаи Румӣ фиристода, ба худ ҳамдарс кард» (С. Айнӣ, Куллиёт, ҷилди 13, саҳ.166).

Ин воқеаи фараҳбахш ба 21-уми сентябри соли 1420 мелодӣ рост меояд. Биноан, ин рӯзро оғози соли нави таҳсил дар ин мадрасаи олия медонанд, ки дуруст аст. Олими маъруфи Донишгоҳи давлатии Самарқанд, академики Академияи Фанҳои Ӯзбекистон Ботурхон Валихоҷаев ҳам дар тадқиқоти «Чанд лавҳа аз таърихи дарсгӯии мактаби олӣ мадрасаи олия – университети Самарқанд», ки дар Туркия нашр шудааст, арзиши донишдиҳӣ ва маърифатомӯзии ин маркази илму маърифатро дар таърих дуруст баррасӣ намуда, аз замони таъсис ёфтани маҷмӯаи мадрасаи олияи Мирзо Улуғбек ибтидо гирифтани таърихи донишгоҳро асоснок кардааст, ки имрӯзҳо боиси ифтихор ва ғурури аҳли илму фарҳанги он мебошад.

*Маърифатпарвари бузург Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ мактабу мадрасаҳоро «оинаи миллат» номида, роҳи ягонаи наҷоти ватану миллатро дарислоҳи таълим мебинад ва чунин менависад: «Ҳаёти миллат ба мактабу мадраса вобаста аст. Миллате, ки мактабу мадрасааш обод аст, вай худро ҳимоя мекунад. Миллате, ки мактабу мадрасааш хароб ва ба таназзул рӯй оварда бошад, он миллат ба таҳқир ва забунӣ маҳкум аст».*

Дар ҳақиқат, Самарқанд дар таърихи тамаддуни инсонӣ ҳамчун гавҳари Шарқ мақому манзалати сазовор дорад. Ин ситораи қутби корвони илму маърифат дар гузашта ҳамеша шӯҳрати илмию таълимии худро маҳфуз медошт. Он баробари гаҳвораи осори бадеӣ ва соҳаҳои гуногуни илмҳои адабӣ будан дар Шарқ ҳамчун маркази илмҳои дақиқу табиӣ низ маълуму машҳур буд. Бисёр олимону шоирон барои такмили дониш ба ин кӯҳаншаҳр сафар мекарданд, бо донишмандони ин ҷо вохӯрда, таҷриба меандӯхтанд.

Дар замои салтанати соҳибқирон Амир Темур Самарқанд шӯҳрати пешинаи худро дар ҷаҳони мутамаддин на фақат барқарор, балки боз ҳам афзунтар намуд. Дар замони ҳукмронии Мирзо Улуғбек ин ҷо илму фан боз ҳам васеътар доман густурд. Расадхонаи сеошёнаи ӯ «зеби ҷаҳон» (тавсифи Навоӣ) гашт. Осори илмӣ ва фаъолияти иратбахши шогирдони садоқатмандаш Қозизодаи Румӣ, Ғиёсиддин ал-Коший ва Алӣ Қушчӣ манзури оламиён шуд. Ҳаёти адабӣ аз нав ба ҷунбиш омад.

Самарқанд дар ҷараёни чандин аср ҳамчун рамзи дӯстии халқҳо, хоса тимсоли дӯстии мардуми бо ҳам бародари тоҷику ӯзбек, ки суханваронамон онҳоро чун «ду шохоби як дарё», «ду саҳифаи як китоб», «ду сатри як байт», «ду тори як рубоб», «ду мағзи як бодом» ва монанди инҳо тавсиф кардаанд, зуҳур кардааст. Олимону мударрисони фозили он аз қадимулайём ин суннати неки халқҳоямонро бо меҳру садоқат идома дода, дар ду забон асарҳои илмӣ навиштаанд, ба ду забон ба шогирдон таълим додаанд.

Таҷассуми ин дӯстии самимона ва ҳамкории эҷодӣ-илмӣ дар нимаи аввали садаи XX низ дар саҳифаҳои таърих сабт ёфтааст, ки инро дар мисоли таърихи вориси ҳуқуқии мадрасаи олияи Мирзо Улуғбек – Донишгоҳи давлатии Самарқанд ҳам метавон мушоҳида намуд. Дар солномаи ин корвонсолори илму маърифат, ки дар гузашта бо номи мадрасаи олияи Мирзо Улуғбек 500 сол фаъолият доштааст ва ин фаъолият бо сиёсати замони шӯро соли 1920 боздошта шудаасту минбаъд аз соли 1927 ба сифати Омӯзишгоҳи педагогӣ, аз соли 1930 бо номи Педакадемия ва аз соли 1933 бо унвони ифтихории Университети давлатии Ӯзбекистон идома ёфтааст, бисёр устодони нексирату некниҳоди фозил ба донишҷӯён илму дониш омӯхтаанд.

Яке аз онҳо намояндаи барҷастаи адабиётшиносии даврони нав профессор Абдурауф Фитрат буд, ки соли 1927 ба Донишгоҳи давлатии Самарқанд барои таълиму тадрис таклиф карда мешавад ва аз таърихи адабиёт ба толибилмон сабақ медиҳад.



Адиби маъруф Садриддин Айнӣ (1878-1954), ки дар густариши илми филологияи тоҷик дар Самарқанд хидмати босазо намудааст. Солҳои 1944-1948 профессор, мудири кафедраи адабиёти ӯзбеки Университети давлатии Ӯзбекистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии Самарқанд) буд. Дар ин даргоҳ чандин ҷавони соҳибистеъдодро ба арсаи илм ҳидоят намуда, нисбаташон ғамхорию олиҳимматӣ ҳам намудааст. Дар байни онҳо номи устодони маъруф чун Воҳид Абдуллоев, Раҳим Муқимов, Саида Нарзуллоева хоса бо эҳтиром ба забон гирифта мешавад.

Адибони маъруфи тоҷик Ғанӣ Абдулло, Рашид Абдулло, Фотеҳ Ниёзӣ, Боқӣ Раҳимзода, Ҳабиб Юсуфӣ, Муҳиддин Аминзода аз аввалин дастпарварони ҳамин таълимгоҳи олӣ буданд, ки солҳои сиюми асри гузашта дар қатори шоиру нависандагони ӯзбек Ҳамид Олимҷон, Усмон Носир, Амин Умарӣ, Шароф Рашидов, Асқад Мухтор аз устодони сухансанҷи ин даргоҳи мӯътабар сирру асрори каломи бадеъро омӯхтанд.

Соли 1956 дар натиҷаи ба Донишгоҳи давлатии Самарқанд (он солҳо Донишгоҳи давлатии Ӯзбекистон) ҳамроҳ гардидани Институти педагогии ба номи Максим Горкий ва Институти муаллимтайёркунии ба номи Садриддин Айнӣ кафедраи забон ва адабиёти тоҷики донишгоҳ таъсис меёбад, ки устодони нахустини он – давомдиҳандагони содиқи кори пуршарафи устодони шодравон буданд. Олими маъруф ва адиби соҳибистеъдод, доктори илми филология, профессор, Арбоби шоистаи илми Ӯзбекистон, аъзои Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон Раҳим Муқимов низ дар ташаккул ва такомули илму тадриси филологияи тоҷики донишгоҳ саҳми калон гузоштааст.

Минбаъд Раҳмон Эгамбердиев, Самариддин Аслиддинов, Талъат Абдуҷабборов, Мирсафо Атоев, Ботурхон Валихоҷаев, Раззоқ Ғаффоров, Шавкат Шукуров, Солеҳ Ҳалимов, Аслиддин Қамарзода, Амон Воҳидов, Рауф Маъруфӣ ва дигарон дар ин маскани таълимиву илмӣ фаъолияти ибратбахш нишон додаанд. Дар заминаи кафедраи забон ва адабиёти тоҷики донишгоҳ соли 1967 дар Институти навтаъсиси омӯзгории Самарқанд ба номи С. Айнӣ факултети забон ва адабиёти тоҷик кушода мешавад ва баъзе устодони донишгоҳ фаъолияти худро он ҷо идома медиҳанд.

Шӯъбаи филологияи тоҷик то соли 1963 дар таркиби факултаи филологияи донишгоҳ фаъолият мебарад. Аз соли 1964 баъди ташкил ёфтани факултаҳои забонҳои хориҷӣ, филологияи рус дар таркиби факултаи филологияи ӯзбек ва тоҷик қариб 30 сол арзи вуҷуд намуда, бо таълиму тарбияи мутахассисони ҷавон машғул мегардад. Агар дар вақтҳои аввал ба шӯъбаи тоҷикӣ танҳо як гурӯҳ донишҷӯён қабул шуда бошанд, сонитар ба туфайли афзудани эҳтиёҷ ба мутахассисони филолог гурӯҳҳои шабона ва ғоибона низ таъсис меёбад.

Адабиётшиноси маъруфи зуллисонайн Ботурхон Валихоҷаев (1932-2005) ҳам яке аз созмондеҳони фидоии шӯъбаи тоҷикии факултаи филологӣ, давомдиҳандаи содиқи фаъолияти ибратбахши устодон буданд, ки дар солҳои истиқлол бо ордени «Буюк хизматлари учун» мукофотонида шудаанд.

Соли 1990 бо фармони Вазорати маорифи халқии Ӯзбекистон шӯъбаи тоҷикии факултаи филологияи ӯзбек ва тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба факултаи мустақил табдил дода мешавад. Ба он яке аз созмондеҳони нахустини кафедраи забон ва адабиёти тоҷик, профессор Раҳим Муқимов сарвар таъин мегардад.

Дар тӯли фаъолияти худ бахши филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба ҳазорҳо мутахассисони баландихтисос таълим додааст, ки дар байнашон арбобони фан, нависандагон, шоирон, рӯзноманигорону намояндагони давлатӣ бисёранд. Дар солҳои гуногун дар ин маскани илму маърифат олимони маъруф чун Саъдӣ Маҳдиев, Атохон Аҳроров, Ҳамроқул Шодиқулов, Ҷӯрахон Бақозода, Аскаралӣ Раҷабов, Рустам Шодиев, Рамазон Абдуллоев, Юнус Азимов, Баҳор Хуррамзод, Анзурати Маликзод, адибон Салим Кенҷа, Норқул Остонзода, Аслам Адҳам, Насим Раҷаб, Сафияи Носир, Наримон Бақозода, Адаш Истад, рӯзноманигорон Маъруф Отахонзода, Муайяна Хӯҷаева, Шерпӯлод Вакилов, Зоҳир Ҳасанзода ва дигарон таълим гирифтанд. Аксарияти устодони кафедра ҳам хатмкунандагони ҳамин маскани илму маърифатанд, ки соҳиби дараҷаю унвонҳои баланди илмианд.

Дар тамоми таърихи бахши филологияи тоҷики донишгоҳ яке аз самтҳои фаъолияти он таълифи китобҳои дарсӣ барои мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва олии ҷумҳурӣ маҳсуб мешавад. Имрӯзҳо мактабиён аз китобҳои дарсии устодон Садрӣ Саъдиев, Амон Воҳидов, Аслиддин Қамарзода, Ҷумъа Ҳамроев, Абдусалом Самадов, Ғафурҷон Маҳмудов, Абдунабӣ Зоҳидов, Абдуваҳоб Воҳидов, Мавлуда Давронова аз фанҳои забони тоҷикӣ, хониши адабӣ, адабиёти тоҷик баҳра мебаранд.

Ҷамоаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд, ки яке аз муассисаи номдори таълимист, Барномаи миллии тарбияи кадрҳоро бо муваффақият амалӣ мегардонад. Зеро ин ҳуҷҷати муҳим пешомади тараққиёти моро муайян намуда, тамоми аҳли ҷомеаи онро дар амалӣ гардонидаи мақсадҳои имрӯза сафарбар менамояд. Биноан, мувофиқи талабу дархости айёми нав андозаҳо ва намунаҳои барномаҳо барои самтҳои бакалавру магистратура таҳия мегарданд ва онҳо дар раванди таълим татбиқи худро меёбанд. Истифодаи таҷрибаи пешқадами мамолики хориҷа дар ислоҳоти соҳаи таълими олӣ низ аз тамоюлҳои асосист. Аз ин рӯ, дар донишгоҳ ҳам дар асоси таҷрибаи таълимгоҳҳои хориҷа ҷараёни таълим ба усули кредит-модул мегузарад. Алҳол дар донишгоҳ беш аз 900 нафар профессору муаллимон ба зиёда аз 18 ҳазор донишҷӯ сабақ медиҳанд. Онҳо барои тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи садоқатмандӣ ба ғояҳои истиқлол, ватандӯстӣ ва фидокорӣ саҳми муносиб мегузоранд.

Хуллас, ҷамоаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд дар бобати таҳсилот ва ҷустуҷӯйҳои илмӣ айёми наверо аз сар мегузаронад, ки ба он марди фозилу ташаббускор, ректори мӯҳтарам Рустам Холмуродов сарварӣ менамоянд. Бино бар консепсияи ривоҷ додани сохтори таълими олии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон то соли 2030, ки онро Президентамон 8-уми октябри соли 2019 бо фармони худ тасдиқ намудааст, Донишгоҳи давлатии Самарқанд якҷоя бо Донишгоҳи Миллии Ӯзбекистон ба байрақбардори шӯҳратёри муассисаҳои таълими кишвар табдил меёбад.

НАЗАРЕ БА ТАЪРИХ

# Маймурғ низ пойтахти Суғд буд



Минтақаи ҷуғрофии кишвари Суғд вобаста ба давру замон ва ҳукмронии шоҳон тағйир меёфт. Таърихшиносон ба кишвари Суғд-Маймурғ, Бутамон (Панҷакент), Иштихон, Кӯшония (Каттақӯрғон), Бухоро, Кеш (Шаҳрисабз), Истаравшан (вилоятҳои Хуҷанд), Фарғона, Тошканд ва Ҳафтрӯдро дохил кардаанд. Чунон ки мебинем, ба ғайри Хоразму Сурхондарёе, ки Бохтар ном дошт, дигар ҳама марзи Ӯзбекистон ва як қисми Тоҷикистон Суғд ном доштааст ва аз пойтахти он Самарқанд идора мешудааст. Аммо дар бисёр маврид Суғд ба маънои танги он – аз водии Зарафшон ва водии Қашқадарё иборат будааст. Яъне баъзан Фарғонаву Чоч (Тошканд) мустақил шудаанд. Суғд дар замонҳои қадим аз шаҳру ноҳияҳои гуногун иборат буд: Самарқанд, Маймурғ, Иштизон, Кабудон, Кӯшония, Бухоро, Кеш, Панҷ ва Бутамон (аз Панҷакент то Яғноб). Шоҳи Суғд дар Самарқанд менишаст. Аммо ноҳияи Маймурғ дар ҷои ҳозираи ноҳияҳои Тайлоқ, Ургут ва Самарқанд воқеъ гардида буд. Самарқандиҳо ҳамин ки аз дарвозаи Форун (Девори Кӯндаланг) ва дарвозаи Ревдод (Оқмасҷид) ба беруни шаҳри Самарқанд қадам ниҳанд, ба марзи Маймурғ дохил мешуданд. Маймурғ дар замони давлатдорнии Суғд ҳокими худро дошт. Ба ин ноҳия подшоҳи Суғд яке аз писарони худро ҳоким таъин мекард. Истилогароне, ки мехостанд, пойтахти Суғд – Самарқандро забт кунанд, пеш аз ҳама дар аксар маврид ба Маймурғ ҳуҷум мекарданд. Искандари Мақдунӣ қишлоқҳои Маймурғро сӯзонда вайрон карда буд, то ки муҳофизони Самарқанд бе ёрдамчии асосии худ монанд ва таслим шаванд. Дар замонҳои истилои арабҳо низ аввал ба Маймурғ ҳуҷумҳои сахт сурат гирифта буд. Қалъаи Тали Барзу ва қалъаи Ревдод (Кофирқалъа) дар натиҷаи чунин ҳуҷумҳо ба хоктеппаҳо табдил ёфтаанд. Ин қалъаҳо шаҳракҳои хурде буданд, ки дар роҳи душман чун сангари мустаҳкам меистоданд. Аз сабаби он, ки Ревдод минбаъд Кофирқалъа номида шудааст, метавон натиҷа гирифт, ки баъди ба хилофати Араб ҳамроҳ кардани Суғд низ ин қалъа солҳои зиёде маркази шӯришҳои зиддиарабӣ қарор гирифтааст. Аз шаҳри Самарқанд то маркази Маймурғ – қалъаи Ревдод масофа ҳамагӣ як фарсах (6 километр) аст, навиштаанд таърихнигорон. Сайёҳони қадим навиштаанд, ки дар Кеш ва Маймурғ тилло бисёр аст. Дар Маймурғ аз фулузот биринҷӣ низ истеҳсол мекарданд, ки аксар мис ва руҳ аст. Шоҳони Суғд дар Маймурғ қасру қалъабоғҳои худро доштаанд. Ин қалъабоғҳо на танҳо барои истироҳат, балки ҳамчун истеҳкоми мудофиа низ хизмат мекарданд. Солҳои зиёдест, ки дар вайронаҳои қалъаҳои Тали Барзу ва Ревдод археологҳо ковишҳои бостоншиносӣ мекунанд. Хусусан ашёҳои аз Тали Барзу пайдо гардида ба панҷунимҳазорсола будани синни шаҳри Самарқанд гувоҳӣ медиҳад. Дар Ревдод бошад, донишмандони Италия ҳамроҳи олимони Институти археологияи Ӯзбекистон ковишҳои ҳафриётӣ гузаронида, аз он бисёр мӯҳрҳои (гилмӯҳраҳои) шоҳони қадими Суғдро пайдо карданд. Дар масофаи се фарсах (18 километр) аз шаҳри Самарқанд деҳае бо номи Моймарғ вуҷуд доштааст. Чунин тахмин низ ҳаст, ки номи ноҳияи Маймурғ аз ҳамин номи деҳаи Моймарғ пайдо шудагист. Аммо ҳоло ин деҳа дар куҷо, мо намедонем. Оҳалик набудагист, зеро масофаи Оҳалик ва шаҳри Самарқанд ду фарсах аст. Дигар ин ки таърихшиноси машҳур В. Вяткин номи пешинаи Оҳаликро дар асоси вақфномаҳои Хоҷа Исфарак тахмин карда буд. Сафири шоҳи Испания Р. Клавихо дар сафарномааш навиштааст, ки герби шаҳри Самарқанд дар замони Темур шери дар фони офтоб тасвиршуда буд. Ин шерро дар пештоқи мадрасаи Шердори Хурди назди мақбараи Хоҷа Аҳрор низ метавон дид. Яъне дар ҳама давру замонҳо ноҳияи Маймурғ (Анҳор) ҳамчун қисми ҷудонопазири пойтахт шӯҳрат доштааст. Шоҳро ба забони суғдӣ ихшид мегуфтаанд. Таърихнавис Истахрӣ навиштааст, ки шоҳони Суғд худро шоҳаншоҳ меномидаанд, яъне малдик-ал-мулук. Ва ҷои исти онҳо деҳаи Ревдод буд. Дар ин деҳа қасрҳои шоҳони Суғдро сохта буданд, ки «Қусур-ал-ихшидия» меномиданд. Истахрӣ инро дар асри нӯҳуми мелодӣ гуфтааст. Аммо ҷуғрофидон ва таърихнависи дигари араб Самъонӣ менависад, ки дар асрҳои даҳи милодӣ Ревдод деҳаи асосии ноҳияи Маймурғ буд ва ин деҳа ҳамагӣ дар як фарсах дурӣ аз шаҳри Самарқанд аст. Маълум мегардад, ки ӯ қасру кӯшкҳои шоҳони дар Ревдод сохтаи Суғдро дар асри даҳи милодӣ дида будааст. Ва дар ҳақиқат масофа аз шаҳри Самарқанд то Ревдод як фарсах, яъне шаш километр аст. Дод ба забони тоҷикӣ адл аст, яъне Ревдод қароргоҳи адл ё қозӣ будагист. Шоҳон адолатпаноҳ номида мешуданд ва вазифаи асосии шоҳ на танҳо ҳимояи мамлакат аз душман, балки устувор кардани адолат будааст.

Номҳои қадимаи деҳаву қалъаҳои ноҳияи Маймурғ суғдианд. Он забони суғдие, ки имрӯз дар Яғноб бо он гап мезананд, як шохаи забони суғдист, на он забонест, ки пеш аз ислом дар Самарқанд ҷорӣ буд. Ба ҳамин сабаб, ҳатто барои донишмандони таърихи забон маънои бисёр номҳои маҳалҳо маълум нест.

(Давомаш дар саҳ. 8).

# Асрори осудагии оила

1. Ба шавҳаратон бо ном ва сифатҳои писандидааш муроҷиат кунед.
2. Таомҳои дӯстдоштаи шавҳаратонро ширин карда пазед, бигзор вай хонаашро пазмон шавад.
3. Шавҳаратонро вақти аз хона баромадан гусел кунед, вақти аз кор омадан бо чеҳраи кушод пешвоз гиред.
4. Кӯшиш кунед, ки ба шавҳаратон меҳрубон бошед.
5. Раҳмат гуфтанро ҳеҷ вақт фаромӯш накунед. Аз ӯҳдаи иҷрои коре набарояд, ба дигарон шикоят накунед.
6. Сарфакор бошед. Дар вақтҳои вазнин ҳам бо шавҳаратон ҳамроҳ бошед.
7. Бо хешу пайвандони шавҳар хушмуомила бошед.
8. Аз шумо доимо бӯйи хуш ояд.
9. Модари шавҳаратонро ҳамчун модари ботаҷриба дида, ҳурмат кунед, то ки нисбати шумо меҳри шавҳаратон зиёд шавад.
10. Фарзандонатонро бо хулқу одоб ба воя расонед. Дигарон ҳам шуморо бо сифатҳои нек ба забон гиранд.

Агар ба ҳамин қоидаҳои оддӣ амал кунед, шумо ба бахту саодат, тинҷию хотирҷамъӣ ва фаровонӣ мерасед.

Таҳия ва тарҷимаи **Лола РАҲИМОВА**

ИБРАТ

## Дарси ҳаёт

**Ш.ВАЛИЗОДА**

Марде хоб дид, ки ӯро ба қабристон мебаранд. Ӯ аз он хулоса баровард ва андешид, ки ба решаи умрам табар расидааст.

Пас ба ибодат кӯшид, гуноҳҳояшро ба ёд оварду тавба кард, то Худо ӯро бахшад ва ибодатҳояш тӯшаи охират гардад. Ин рафтори вай ба Худованд хуш омад, умри дароз дид.

Зани ӯ ҳам хоби аҷоибе дид, ки ӯ кайҳо мурда будаасту аз нав зинда шуда, бо шавқу завқ ба ҳавлиаш меояд. Фарзандон, хешу табор, ҳаққу ҳамсоя ӯро хурсандона пешвоз мегиранд.

Шод аз хоб хест. Ӯ гумон кард, ки солҳои дароз бо фараҳ зиндагӣ мекунад. Бинобар ин, ба шодию тараб пардохт, ибодату тавбаи гуноҳро ба ёд наовард. Аз байн 3-4 моҳ гузашту вай ба дарде гирифтор шуд. Ҳарчанд табобаташ карданд, фоида накард. Ниҳоят бе тавбаю ибодат аз олам чашм пӯшид. Ҳолдонон гуфтанд:

– Худ аз ҳад гузаронд ва ин ба Худо хуш наомад.

## Телефони «баданӣ»

Комрон хобро бисёр дӯст медошт. На ба занги соату телефон, на ба тақ-тақи дару бонги хурӯс ва на ба паҳн шудани офтоб кор дошт. Ҳеҷ кас ба ӯ халал намерасонд. Рӯзе ҷӯрааш барои ба футболбозӣ бурдани ӯ омад. Соат ба 10 наздик шуда бошад ҳам, вай ҳамон дар хоб буд.

– Кай аз хоб мехезад?- аз модари ҷӯрааш пурсид.

– Вақте, ки телефони баданиаш занг зада, нороҳат кунад.

– О, вай телефон надорад-ку, – ҳайрон шуд ҷӯрааш.

– Телефони вай дар даруни баданаш, ҳар гоҳ, ки он нороҳат кунад, баъд ӯ маҷбур мехезад...



## «Хоб»-и чала

Марде қарибии соати 9 аз хоб хест ва ба хало рафт. Дар ин асно касе ӯро суроғ карда омад ва аз занаш, ки дар рӯйи ҳавлӣ машғули кор буд, пурсид:

– Сироҷакем ҳастанд?

– Ҳа, – ҷавоб дод зан.

– Гӯед, як берун бароянд.

– Хӯш, – гуфт зан.

– Аз байн 10-15 дақиқа гузашт, дарак не, – суроғкунанда ба танг омада.

– Ҳаял карданд-ку?

– Хобашон чала будаст, дар халоҷо чалаи онро гирифта истодаанд, – ҷавоб дод зан.

## Умр мегузарад...

Тирамоҳи умр фаро расид. Ин мавсуми ҷамъоварии ҳосил. Ғайрат бояд кард, то ҳар чӣ зудтар, пеш аз фарорасии «зимистони қаҳратун» ҳосилро ҷамъ оварем ва ба аъзои оила ва ҳам ҷамъият расонем. Ман, ки аҳли қаламаму фасли умрам ба тирамоҳ расидааст, ҳар чӣ зудтар мехоҳам «ҳосил» ҷамъоварӣ намоям ва ба умум расонам. Вагарна ё хунук мезанад, ёки ба зери пои ноаҳлон афтода, нобуд мешавад...

# Се барги сабзи умедбахш

(Аввалаш дар саҳ. 5).

Ҳоло мебинем, ки аз ҳар хонавода лоақал як-ду нафар тарки диёр намуда, дар хориҷа зиндагӣ ва кор мекунанд. Баъзе хонаводаҳо дар ҳақиқат ба ин амал зарурат доранд. Мӯҳтоҷию дармондагӣ онҳоро водор мекунанд, ки дур аз ёру диёр дар хориҷа шуғл варзанд. Лекин мушоҳида мекунем, ки бештари ин мардум бидуни зарурат танҳо бо майли ҳарчӣ зиёдтар пулу сарват анбоштан ба хориҷа мераванд. Ҳамин рӯйдоди номатлуб низ аз коҳиш ёфтани ахлоқу маънавиёти ин қабил одамон далолат мекунад. Нависандагон бо тасвири бадеии худ дар ҳикояҳои мазкур муваффақ шуданд, ки моҳият ва зарарҳои маънавии ин ҷараёни имрӯзаи ҳаёти ҷомеъаро ифшо созанд. Қаҳрамони ҳикояи «Ҷавонию бесарӣ»-и Юнуси Имомназар Парвиз дар диёри худ, дар муҳити хонадони худ баъд аз вафоти падар заҳмат кашида, миқдори чорпои худро се баробар афзуд, ба ғайр аз ин, ӯ боғу замин дошт. Хулоса, дар хонаи худ зиндагӣ карда сарватманду пулдор шудан дошт. Аммо бо таҳрики тағояш Парвиз ҳам ғурбатро ихтиёр кардааст. Нависанда ба кӯи хиёнат по гузоштани Парвизро бо як маҳорати хос тасвир мекунад. Рафтори сабуксаронаи ҷавоне мисли Парвиз аз лиҳози рӯҳӣ ва равонӣ асоснок карда шудааст. Нависанда ба сӯи майли эҳсосоти нави ишқӣ гирифтор шудани қаҳрамони ҷавони бетаҷрибаро чунон моҳирона ва эътимодбахш инъикос кардааст, ки кас намехоҳад Парвизро барои ин рафтори беақлонааш сад дар сад худи ӯро сарзаниш намояд. Нависанда дар ҳикоя дар ин тақдири Парвиз ағлаб таъсиру нуфузи муҳит ва даврро хотирнишон кардааст. Дарвоқеъ, ин дарди ҷомеа бисёр афродро гирифтори худ кардааст. Бисёр одамон аз хориҷа бемор шуда бармегарданд. Хеле афрод хешу ақрабои худро ҷисман талаф медиҳанд.

Қаҳрамони ҳикояи «Ифтихор» Маъруф дар Русия зану духтарчаашро аз даст медиҳад. Онҳо тӯъма ва қурбони ҷавонони авбошу миллатгаро ва шовинист шуданд. Аҷиб он аст, ки Маъруф баъди ин рӯйдоди фоҷиавӣ низ Русияро тарк накардааст.

Падару модари Билол аз ҳикояи «Чун модаркалон даргузашт»-и Фаридуни Фарҳодзод ӯро дар шашмоҳагӣ ба дасти модаркалон гузошта, барои пулдор шудан ба хориҷа мераванд. Билол то ҷавонӣ аз дидор ва меҳри падару модар дур монд. Табиист, ки дар пайомади ин воқеа ба падару модар чандон меҳр надорад. Имрӯзҳо бисёр бачагон мисли Билол аз тарбияи падар ё модар маҳруманд. Қашшоқии маънавии падару модари Билол дар ин аст, ки онҳо аз паи сарватманд шудан гардида, ба тарбияю парвариши ягона фарзанд бепарво шуданд. Билол дар ҳангоми мастӣ ин айбу иштибоҳи модарашро ошкоро ба ӯ мегӯяд. Модарашро таънаю сарзаниш кард. Ба ин сарзаниш ва ошкоргӯӣ Билол ҳақ ҳам дорад. Нависанда аз забони Билол ин кирдори нодурусти падару модарашро моҳирона танқид мекунад ва хонанда ба ҳақ будани ин сарзаниши Билол бовар мекунад.

> *Бояд қайд кард, ки дар бештари ҳикояҳои маҷмӯа симо ва характери қаҳрамонҳо аз амалиёт ва гуфтору кирдори худи онҳо ба зуҳур меоянд. Яъне, нависандагон ба нақли рӯйдодҳо кам эътибор медиҳанд, характери, қаҳрамонҳоро дар рафти ҳодиса тасвир мекунанд, ки ин хеле хуб аст. Умуман, бисёр ҳикояҳои маҷмӯа ба хонанда таъсир мекунанд, ӯро ба андеша водор менамоянд. Аз ин ҷост, ки муроди нависандагон аз бисёр ҷиҳат ҳосил шудааст.*

Шарифи Халил бо таълифи ҳикояҳои «Занкалон» ва «Осиёи банавбат» исбот кардааст, ки ӯ на танҳо дар эҷоди асарҳои ҷиддӣ, балки дар навиштани ҳикояҳои ҳаҷвӣ низ маҳорати баланд дорад. Ҳар дуи ин ҳикояҳо ҷолиб ва хонданӣ мебошанд. Муаллиф дар ҳикояи «Осиёи банавбат» симои муаллимони бемаърифат ва бемаданиятро дар зери тозиёнаи интиқоду масхара қарор додааст. Образҳои ҳаҷвии Шоир ва Амон типианд. Чунки имрӯзҳо мо бо ин характерҳои типӣ дар ҳаёт бисёр дучор мешавем. Ҳазлу мазоқи Шоир ва Амон бо ҳамдигар аввал каме оҳанги шӯхӣ ва ҳазл дошта бошад ҳам, дар хотима ин ҳазлҳо ба худ оҳанги интиқомҷӯиро гирифтааст. Ҳазлу шӯхӣ ҳам ҳадду андоза дорад. Дар натиҷаи ин шӯхии беҷо ва беандоза онҳо табиист, ки аз ҳам дилозурда ва дилсард мегарданд. Нависанда бо образҳои Шоир ва Амон симои маънавии қашшоқ ва бемаданиятии бисёр муаллимони имрӯзаро фош кардааст. Мутаассифона, дар ҷомеаи муосири мо ин гуна омӯзгорон, ки онҳоро низ ба табақаи рӯшанфикр шомил мекунем, хеле бисёранд. Ҳеҷ забони одам намеравад, ки мо онҳоро рӯшанфикр бидонем. Зеро савияи дониш ва ҷаҳонбинии онҳо хеле поён аст. Масалан, имрӯз наваду панҷ дарсади муаллимон китобу рӯзнома намехонанд. Рӯшанфикрони мо ин тавр, ки ҳастанд, бинобар ин, мардуми бемаърифат бештаранд. Чунки ҳамин муаллимон донишомӯзони камсаводу бедонишро мисли худ парвариш кардаанд.

Ҳикояҳои «Армон», «Подош», «Хонаи меҳрубонӣ», «Шаҳри орзуҳо» ва дигар навиштаҷоти нависандаи ҷавон Фаридуни Фарҳодзод низ хеле ҷолиб ва муассиранд. Бештари ин ҳикояҳо аз ҳаёти кӯдакон ва ҷавонон ҳикоят мекунанд. Эҳсос мешавад, ки адиби ҷавон зиндагии бачагон ва ҷавононро хуб медонад. Бештари ҳикояҳои Фаридуни Фарҳодзод бо як самимият ва дили пурмеҳр нисбат ба ҷавонон навишта шудаанд. Адиб ҳунари нависандагиро хуб аз худ кардааст. Бавижа, ҳикояи «Хонаи меҳрубонӣ»-и бо маҳорати баланди эҷодӣ таълиф гардидаанд. Афсӯс, ки мо ба таҳлили амиқ ва муфассали ин ҳикоя ва баъзеи дигар дар ин ҷо имкон надорем. Зеро ҳаҷми тақриз ба ин амал монеъ мешавад. Дар хотима барои он ки суханони мо дар бораи маҳорати эҷодии нависандагон хушку бедалел ҷилва накунанд, аз ду ҳикояи нависандагон аз санъати ташбеҳи он ду мисол меоварем; аз ҳикояи «Бори каҷ ба манзил намерасад»-и Юнуси Имомназар: «Ба маҳзи ин ки мошине дар канори ҷойгоҳи мардикорон тормоз медиҳад, ҳамоно галаи бесаробон ба монанди селаи мурғони ҳаво, ки ба тӯъма як он фурӯ мерезанд, ба сӯи он ҳамла меоваранд» (с. 68) Мисол аз ташбеҳи мавриди истифодаи Фаридуни Фарҳодзод аз ҳикояи «Хонаи меҳрубонӣ», «Носир аз зӯри дарду баландии ҳарорат шабеҳи море, ки даруни оташ партофта бошанд, дар худ мепечид». (с. 200)

Акнун чанд сухан роҷеъ ба забони нависандагон бояд гуфт. Забон ва тарзи баёни Юнуси Имомназар, Шарифи Халил ва Фаридуни Фарҳодзод нисбат ба бархе аз ҳамқаламони худ беҳтар аст. Нависандагон забони адабиро хуб баладанд ва дар бештар маврид ба он риоят мекунанд. Таваҷҷӯҳ мекунем, аввал ба осори Юнуси Имомназар. Нависанда вожаҳои шевагӣ ва маҳаллиро дар баъзе асарҳои худ корбурд кардааст: виғида, зера, сунҳор, хушдоман, хусур, додӣ, дағеч. Бештари ин калимаҳо маънои хешовандӣ доранд. Баъзеи ин вожаҳоро нависанда шарҳ додааст. Дар солҳои охир баъзе адибони зодаи кӯҳистон калимаҳои «хушдоман» ва «хусур»-ро бисёр истифода мекунанд. Ба маънии «модарзан» ва падарзан» кор фармудани ин вожаҳо аз риоят накардани меъёрҳои забони адабӣ аз ҷониби онҳо далолат мекунад. Имрӯз ҳам бештари форсизабонон дар ин маврид аз калимаҳои «модарзан» ва «падарзан» корбурд мекунанд. Дар адабиёти классикӣ низ ҳамин вожаҳо мавриди истифода буданд. Лекин калимаҳое мисли «хушдоман», «хусур», «сунҳор», «додӣ» ва ғайра вуҷуд надоштанд. Чунки ин гуна калимаҳо моли забони адабӣ нестанд. Мо бояд ба тариқе нависем ва гӯем, ки ба ҳамаи форсизабонон мафҳум бошанд. Юнуси Имомназар низ ба ивази ин гуна калимаҳои лаҳҷавӣ ва маҳаллӣ бояд муродифҳои адабии онҳоро корбурд мекард. Калимаҳое мисли таёқ, бой, келин, ким-чӣ, чоқ, чаққон, чуқур, тинҷ, эрка низ моли забони фарҳангӣ нестанд. Муродифҳои форсии тоҷикии онҳо «чӯб», «доро», «арӯс», «чизе». «хуштабъӣ». «чобук», «амиқ» ё «жарф», «оромӣ», «нозпарвард» ҳастанд. Чанд калимаҳои ғалат: мос (муносиб), қурб (арзиш) гӯсфандҳоро ҷӯшида (дӯшида), побелкунӣ (побел кардан), ҳадаҳа (зуд), чуқ нагӯӣ (ҳеҷ чиз нагӯӣ), серҷоғ (пургӯӣ), дар анг мондан (ҳайрон мондан), қусури гуруснагиро баровардан (товони гуруснагиро баровардан, зеро «қусур» маънои гуноҳро дорад).

Шарифи Халил ҳам дар навиштаҷоти худ ба чанд хатои забонӣ роҳ додааст. Ӯ дар ҳикояи «Хубон» калимаҳои «рикева» ва «моида»-ро ба кор бурдааст, ки мо маънои онро нафаҳмидем. Аён аст, ки ин вожаҳои лаҳҷавианд ва аз ин рӯ қобили ба забони фарҳангӣ ворид шудан надоранд. «Мошинро манъ кардан». Дар забони адабӣ «мошинро нигоҳ доштан» мегӯянд. Зеро «манъ кардан» маънои чизеро барҳам доданро дорад. «Беморро ҷавоб додан». «Ба бемор баъд аз сиҳат шуданаш рухсат медиҳанд. Магар ба суоли ӯ ҷавоб доданд! Дар забони адабӣ ба ҷои «мизоҷ» ки Шарифи Халил истифода бурдааст, вожаи «муштарӣ» вуҷуд дорад. «Мизоҷ» бо маънои аслии худ ба табиати инсон ишорат мекунад. Ба шакли «хароб» корбурд кардани калимаи «лоғар» нодуруст аст. Зеро «хароб» ба маънои «вайрон» меояд на «лоғар». Калимаи «нафар»-ро Шарифи Халил ва Фаридуни Фарҳодзод ба ҷои шахс ё фард истифода бурдаанд, ки ғалат аст. Чунки «нафар» нумератив аст мисли «дона», «адад». Аз ин рӯ масалан, «ин нафар ба ман шинос аст» намегӯянд, балки мегӯянд: «Ин фардро (шахс) мешиносам. «Нафар» ҳамеша бо шумора меояд ва ба миқдори одам ишора мекунад, як нафар, даҳ нафар мард. Ҳар се нависанда калимаи «халос»-ро беҷо корбурд кардаанд. Онро ба ҷои «бас» истифода бурдаанд. «Халос» ба маънии аз чизе ё касе наҷот ё халос хӯрдан аст. Мисол: «Фаррух аз ин ташвишҳо халос шуд».

Дар ҳикояҳои Фаридуни Фарҳодзод ғалатҳои забонӣ низ ба назар мерасад. «Шамоли сокин» гуфтан чӣ маънӣ дорад? Шамол ҳамеша дар ҳаракат аст. Дар як ҷо сокин шудани вай мумкин нест. Бисёр нависандагон ба ҷои «вазифа» вожаи «қарз»-ро истифода мебаранд, ки он ҳамоно тарҷумаи (калка) русии «долг» аст. Ва ҳол он ки дар забони тоҷикӣ мисли ибораи «қарзи фарзандӣ», «қарзи ватандӯстӣ» нодуруст аст. «Бийӣ» соф лаҳҷавӣ буда, аслан шакли дурусташ калимаи «бибӣ» аст. Ин калима моли забони адабӣ нест. Муродифи адабии калимаи «бой», «доро» ва «сарватманд» аст. «Чароғҳо гирон буданд» набояд гуфт, балки «чароғҳо рӯшан буданд» бояд навишт. Калимаи «лакот» моли забони адабӣ намебошад. Адабиаш «хаста» ва «монда» мебошад. Адиби ҷавон калимаи «таклиф»-ро ба ҷои «даъват» корбурд кардааст, ки хатост. Чунки маънии «таклиф» аслан азият ва заҳмат аст.

## Оё медонед?

# Нахустин ҷоизадорони Нобел



Наздик 120 сол мешавад, ки ҷоизаи Нобел ҳар сол ба олимоне, ки ихтироъ ё кашфиётҳои бузургеро анҷом додаанд ё ба нависандагоне, ки тавассути асарҳои оламшумули худ машҳур гаштаанд, тақдим карда мешавад.

Кимёгар, муҳандис ва ихтироъгари машҳур Алфред Нобел ҳамаи сарвати худро бо шарофати ихтирои динамит ва дигар моддаҳои тарканда соҳиб шудааст. Дар замони хеш Нобел яке аз сарватмандтарини инсони сайёра ба шумор мерафт.

Ҳамаи ин шуҳрате, ки олим сазовор гашта буд, барои дар таърих номи нек гузоштани ӯ камӣ мекард.

Соли 1888 бародари вай Людвиг мемирад. Лекин рӯзноманигорон иштибоҳан дар рӯзномаҳо дар бораи марги худи Алфред Нобел хабар медиҳанд. Дар яке аз рӯзномаҳо, ки худи Алфред Нобел онро мутолиа мекард, сарлавҳаи мақолае чунин буд: «Савдогари (паҳнкунандаи) марг фавт намуд».

Баъди мутолиаи ин мақола олим ба фикр фурӯ рафт, ки насли оянда ӯро чӣ хел ба хотир меоранд. Ва Алфред васиятномаашро тағйир медиҳад. Васиятномаи нав баъди марги олим соли 1897 кушода хонда шуд.

Мувофиқи васиятнома тамоми молу мулки Алфред Нобел дар шакли капитал ба як бонки боэътимод гузошта мешуд. Даромади ин капиталро ҳамасола ба панҷ қисм баробар тақсим карда, ба олимоне, ки ихтироъ ё кашфиётҳои бузурге дар соҳаи илмҳои физика, кимё, тиб ва ҳамчунин ба нависандагоне, ки асарҳои адабии беҳтарин офаридаанд ва боз ин ҷоиза барои шахсоне, ки барои ба даст овардани сулҳ мубориза бурдаанд, тақдим карда мешуд.

Аз рӯи анъана мукофот аввал ба олимони физик супорида мешавад. Нахустин шахсе, ки ин ҷоизаро соли 1901 соҳиб гашт, Вилгелм Рентген буд. Вай ҷоизаи мазкурро барои кашфи нурҳои рентгенӣ соҳиб шуд. Баъди ӯ ҷоиза дар соҳаи тиб ба бактериологи олмонӣ Эмил Адолф фон Беринг, ки ваксинаи зидди дифтерияро ёфта буд, супорида шуд.

Якоб Вант-Гоф, ки қонунҳои термодинамика барои маҳлулҳои гуногунро муайян карда буд, нахустин кимёгарест, ки ҷоизаи Нобелро сазовор гардид.

Якумин нависандае, ки ин ҷоизаи бузургро соҳиб шуд, Рене Сюлли – Прюдом мебошад.

Ҷоиза барои ба даст овардани сулҳ соли 1901 супурда шуда, маблағи мукофот ба Жан Анри Дюнан, асосгузори Салиби сурх ва Фредерик Пасси тақсим карда мешавад.

Тарҷумаи **Озод ҲОДИЗОДА**

## Хотира муқаддас аст

# Устод ва машъалафрӯзи ҳамагон буд



Ба сари аҳли хонадон, пайвандон, шогирдон ва хурду калони маҳаллаи Ҳамид Олимҷони шаҳри Самарқанд мусибати сахт афтод. Онҳо инсони оқилу доно, хушчақчақу ширинзабон, ташкилотчиву ватанпарвар, устоди ҳазорҳо шогирдон, дорандаи нишони сарисинагии ба номи академик Воҳид Абдулло, Аълочии маорифи халқи Ўзбекистон Зариф Шарифовро бо дарду ҳасрат ба манзили хомўшон гусел намуданд.

Дар маросими дафн фаъоли маҳалла Неъмат Раҳматов оиди фаъолияту хизматҳои устод маълумот дод.

Зариф Шарифов 12-уми марти соли 1934 дар деҳаи Шўрбоии ноҳияи Самарқанд дар оилаи деҳқон – меҳнаткаш ба дунё омад. Дар мактабҳои 4 (ҳозира 40-и маҳаллаи Шўрбоӣ, рақами 2 (ҳозира 39-и деҳаи Андиҷонӣ) маълумоти миёна гирифт. Пас аз хатми мактаб дар институти дусолаи муаллимтайёркунии шаҳри Самарқанд таҳсил намуд.

Соли 1955 бо роҳхат ҳамчун муаллими забон ва адабиёти тоҷик ба яке аз мактабҳои миёнаи ноҳияи Вахши Ҷумҳурияти Тоҷикистон фиристода шуд. Ҳангоми фаъолияти меҳнатӣ босамар кор кард, соҳиби иззату обрўй гашт. Инчунин, ҳис намуд, ки барои муаллими пешқадам шудан маълумоти олӣ зарур аст. Бинобар ин, ҳуҷҷатҳояшро ба факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон супорид. Азбаски Зариф Шарифов маҳорати баланди нотиқӣ, сухангўӣ дошт, ӯро ба шўъбаи адабии телевизиони давлатӣ ба кор қабул намуданд. Ў то соли 1963 дар ин вазифаи масъул меҳнат намуд. Пас ба зодгоҳи худ – Самарқанд баргашта, то соли 1971 дар мактабҳои рақамҳои 8 ва 2-и шаҳр ба ҳайси муаллим ва ҷонишини директор оид ба корҳои тарбиявӣ меҳнат намуд.

Зариф Шарифов чанд сол дар мактаби рақами 9 низ ҷонишини директор буд.

Соли 1976 шўъбаи таълими халқи шаҳри Самарқанд Зариф Шарифовро ба мактаби рақами 19, ки аз муассисаҳои таълимии қафомондаи шаҳр ба шумор мерафт, директор таъин кард. Мактаб дар бинои фарсудаи масҷиду чойхона фаъолият дошт. Зариф Шарифов бо масъалаи сохтмони бинои нави мактаб борҳо ба шўъбаи таълими халқи шаҳр ва Садорати таълими халқи вилоят, комитети ҳизбии шаҳру вилоят ва идораҳои дахлдор мурочиат намуд. Он солҳо ба сохтмони мактабҳо эътибор кам буд. Аксар ба дархости директор зид мебаромаданд.

Ниҳоят дар соли 1992 бо дастгириву мадади ҳокими ноҳияи Боғишамол шодравон Абдулло Тўхтамуродов барои бунёди мактаб маблағ ҷудо карда шуд. Бинои мактаб ба тариқи ҳашар оғоз ёфт ва дар муддати 1,5 сол сохта шуд. Бо сарварии директор ин мактаб аз қатори мактабҳои пешқадам ҷой гирифт.

Зариф Шарифов баробари директори мактаб будан солҳои 1977-2013 дар маҳаллаи Ҳамид Олимҷон раиси маҳалла шуда хизмат намуд.

Соли 2013 бо сарварии ў дар арафаи иди Наврўз бинои нави маркази маҳалла ба фаъолият оғоз намуд. Ҳоло шогирдони устод кори ўро давом медиҳанд.

Барои соҳибэҳтиром ва азизи мардум гаштани Зариф Шарифов хизмати ҳамсари меҳрубонаш Офият Шарифова (рўҳашон шод бод) калон аст. Онҳо соли 1960 риштаи ҳаёташонро бо ҳам пайваста, соҳиби 3 нафар фарзанд шуданд. Зоҳидҷон ошпази моҳир, Фирўзаву Шаҳноза тадбиркоранд. Нўҳ нафар набераву зиёда аз 10 нафар аберaҳо дар атрофи онҳо парвона буданд.

Зариф Шарифов зиёда аз 45 соли ҳаёти хешро ба таълиму тарбияи насли наврас, ободии маҳалла, осоиштагии мардум, ривоҷу равнақи шаҳру ватани азиз бахшид. Ў машъалафрўзи маориф ва маҳалла буд. Инсони нек ва комил ҳеҷ гоҳ намемирад. Зариф Шарифов ҳамеша дар дилу дидаи мост.

*Аз Худо хоҳем илоҳо, ҷоятон ҷаннат шавад,*
*Ҳар кӣ бар қабри шумо хонад дуо, раҳмат кунад.*

*Дўстон ва фаъолони маҳаллаи Ҳамид Олимҷони шаҳри Самарқанд.*

# Дар дилу дидаи мардум ҷо гирифт



*Рӯзгорест, ки мо ҳоли парешон дорем,*
*Дар ғами марги падар дидаи гирён дорем.*
*Буд ахлоқи хушаш вирди забони ҳамагон,*
*Эътиборе, ки ба мо ҳаст, зи эшон дорем.*

Ба дунё омадану рафтан ҳунар нест, ҳунар он аст, ки бо хирадмандиву хоксорӣ, хушрафториву накӯкорӣ, меҳнати шоиставу арзанда дар дилу дидаи мардум ҷо бигирию номи нек ба ёдгор гузорӣ. Хуш ба ҳоли касоне, ки ин маромро дар зиндагӣ шиор намуда, месӯзанду месозанд.

Абдурафиқ Бобоев ҳам марди некиришт ва ба халқу Ватан азизу содиқ буд. Худованд ба ӯ ақли комил ва дили ҳассосу меҳрубон дода буд. Дар равиши пурпечутоби зиндагӣ манфиати хешро аз манфиати ҷамъият боло намегузошт.

Абдурафиқ Ҳакимович 4-уми феврали соли 1961 дар шаҳри Самарқанд таваллуд шудааст. Пас аз хатми муассисаи таълимӣ фаъолияти меҳнатии худро сар мекунад. Тӯли солҳои 1980-1991 дар ресторани “Ӯзбекистон” кор мекунад. Соли 1991 қаҳвахонаи “Ширин” ташкил карда мешавад ва Абдурафиқ Бобоев аз аввали фаъолияти кафе то дами вопаисни умр, 12-уми августи соли 2020 дар ин ҷо аз тахти дил кор кард.

Абдурафиқ Бобоев баробари инсони дарёдил, меҳнатдӯст, накӯгуфтор будан падари ғамхор, бобои дарёдил низ буд. Ҳамроҳи ҳамсари вафодори худ 4 нафар фарзандро ба камол расонданд, ки ҳоло ҳамаи онҳо дар ҳаёт ба мақому манзалати хеш соҳиб ҳастанд.

Имрӯзҳо ҳамаи фарзандон, хешовандон ва 14 нафар наберагони ин инсони накӯрафтор ашки ғам мерезанд.

Абдурафиқ Бобоев оламро пад¬руд гуфт, аммо номи нек ва хизматҳои арзандаашро мардум фаромӯш намекунанд. Дар сӯҳбатҳо аз рӯзгору гуфтори зебо ва рафтори ҳамидаашро ба ёд меоранду ба арвоҳаш дуои хайр мефиристанд:

*Эй сафар карда ба меъроҷ, ба ёдат ҳастем,*
*Эй падар мо ҳамагӣ чашм ба роҳат ҳастем.*
*Ту сафар кардиву осуда шудӣ аз даврон,*
*Ҳама мотамзада, ҳар лаҳза ба ёдат ҳастем.*

*Аз номи келинҳо, наберагон ва қудоҳои хонадон.*

ЭЪЛОНҲО ЭЪЛОНЛАР ОБЪЯВЛЕНИЯ

Самарқанд шаҳридаги якка тартибдаги тадбиркор Атоева Умида Усмановна (СТИР: 504586780) номига берилган думалоқ муҳр ва бурчак тамғаси йўқолганлиги сабабли бекор қилинади.

Самарқанд туманидаги якка тартибдаги тадбиркор Мустафақулова Зилола Илҳомовна (СТИР: 504094183) номига берилган думалоқ муҳр ва бурчак тамғаси йўқолганлиги сабабли бекор қилинади.

Самарқанд туманидаги “AGRO GOLD FRESH” масъулияти чекланган жамияти (СТИР: 306593588) номига берилган думалоқ мухр ва бурчак тамғаси йўқолганлиги сабабли бекор қилинади.

Самарқанд туманидаги «GALA-OSIYO-19-47» масъулияти чекланган жамияти (СТИР: 306793576) ўз устав фондини 100 000 000 (Бир юз миллион) сўм миқдордан 500 000 (Беш юз минг) сўм миқдорга камайтирилишини маълум қилади.

Шу муносабат билан унга билдириладиган барча эътирозлар газетада эълон чоп этилгач, бир ой давомида қуйидаги манзилда қабул қилинади.

Манзил: Ўзбекистон Республикаси, Самарқанд вилояти, Самарқанд тумани, Ўзбеккенти маҳалласи.

Самарқанд шаҳрида хусусий амалиёт билан шуғулланувчи нотариус Амриддинов Ш. нотариал идорасида марҳума Нарзикулова Сайфурага (2008 йил 1 февралда вафот этган) қарашли мол-мулк учун мерос иши очилмоқда. Шу муносабат билан меросхўрлар Амриддинов Ш. нотариал идорасига мурожаат мурожаат этишларини сўраймиз.

Манзил: Самарқанд шаҳри, Жомий кўчаси, 64-уй.



# Дар форуми Самарқанд тақрибан 1000 коршинос иштирок карданд

Рӯзҳои 12-13-уми августи соли ҷорӣ онлайн-форуми Самарқанд оид ба ҳуқуқи инсон таҳти мавзӯи «Ҷавонон 2020: ҳамраъйии ҷаҳонӣ, рушди устувор ва ҳуқуқи инсон» гузаронида шуд, ки дар он тақрибан 1000 нафар ширкат варзиданд.

Зиёда аз 50 нафар аз созмонҳои байналмилалӣ, зиёда аз 30 – ташкилотҳои минтақавӣ, тақрибан 30-ниҳодҳои миллии ҳуқуқи инсон, 30-мақомоти давлатии байналмилалӣ, зиёда аз 60 – CFF-ҳои байналмилалӣ ва миллӣ, беш аз 100 аз созмонҳои ҷавонон намояндагӣ намуданд.

Мувофиқи маълумоти Маркази миллии ҳуқуқи инсон ба доираи форуми дурӯза беш аз 50 суханронии асосии 40 нафар маърӯзачиёни байналмилалӣ аз 15 кишвар ва 10 намояндаи миллӣ шунида шуд.

Дар давоми 4 мунозираи алоҳида мавзӯъҳои «Рушди стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи ҷавонон», «Ҳуқуқи ҷавонон ва Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ)», «Таълими ҷавонон оид ба ҳуқуқи инсон», «Нақши ҷавонон дар таъмини сулҳ ва амният: дурнамои ояндаи бехатар то соли 2030» мавриди муҳокима қарор гирифт.

Яке аз чорабиниҳои муҳими Форуми Самарқанд муҳокимаи лоиҳаи Конвенсияи байналмилалии СММ оид ба ҳуқуқи ҷавонон буд, ки аз ҷониби Ӯзбекистон бо ташаббуси Президент Шавкат Мирзиёев таҳия шудааст. Ин ташаббусро сарвари давлати мо соли 2017 дар ҷараёни Ассамблеяи генералии 72-юми Созмони Милали Муттаҳид эълон карда буд.

Дар форум зикр гашт, ки то ҳол ҳуҷҷати байналмилалии ин сатҳ вуҷуд надорад, ки ҳуқуқи ҷавононро инъикос намуда, дар ҷаҳони имрӯза эътироф созад. Ин ба арзёбии иқтидори ҷавонон, ки истифодаи оқилонаи онҳо ба рушди босуръати соҳаҳои гуногун мусоидат мекунад, имкон фароҳам меорад.

Мисол овардани ба эътибор гирифта нашудани нақши ҷавонон дар соҳаи парлумон кифоя аст. Танҳо қариб 2,2 фоизи вакилони парлумони саросари ҷаҳонро шахсони аз 30-сола ҷавон ташкил медиҳанд. Ҳамзамон, ин гурӯҳи вакилони парламент дар бораи бисёр масъалаҳое, ки қонунҳо таҳия мешаванд, нуктаи назари худро доранд ва қисми зиёди аҳолӣ – ҷавононро пурра дар бар мегирад.

Дар ин замина қабули Конвенсияи махсуси байналмилалии ҳуқуқи ҷавонон дар сатҳи баланди Созмони Милали Муттаҳид таваҷҷӯҳи давлатҳои ҷаҳонро ба масъалаҳои ҷавонон ва ба онҳо додани сатҳи нави ҳуқуқ ба мақсади суръат бахшидан ба равандҳои рушд ҷалб мекунад.

Бояд гуфт, ки ташкилкунандаи асосии Форум ҳукумати Ҷумҳурияти Ӯзбекистон буд, ки онро Маркази миллии ҳуқуқи инсон намояндагӣ кард.

# Маймурғ низ пойтахти Суғд буд

**(Аввалаш дар саҳ. 6).**

Аммо дар бораи номҳои дарвозаи Форун ва минтақаи Фарундиза метавон гуфт, ки аз калимаи «фарорун» пайдо шудааст, ки маънои нек, саъд ва хушбахтиро дорад. Яъне Фарундиза (Хоҷа Аҳрор, Хоҷа Кафшер ва деҳаҳои атрофи он – аз девори Кӯндаланг то Дарғам) маънои қалъаи некиву саъд, хушбахтиро дорад. «Фарорун» ба ҳамин маъно дар шеъри Дақиқии Самарқандӣ дучор мешавад. Номи худои некӣ Маздо (Аҳуромаздо)-ро ба худ гирифтани Ҷӯйи Маздоҳин (Мазоқин) бесабаб нест.

*Меҳоҳем оиди як ғалати машҳур хонандагонро огоҳ кунам. Дар бисёр маврид кишвар ва давлати Суғдро ба тарзи вайрони аврупоӣ «Суғдиёна» меноманд. Аммо дар ягон асари олимони таърихшинос чунин тарзи навишти кишвари Суғд дучор намешавад.*

Ҳатто дар матнҳои аз қалъаи Муғ пайдогардида Деваштич дар ҳама ҳуҷҷатҳо худро «ихшиди Суғд ва афшини Самарқанд» номидааст. Агар мо аз маданияти баланди гузаштагони худ ифтихор кунем, агар эҳтироме ба таърихи давлатдории аҷдоди худ – суғдиён дошта бошем, бояд талаб кунем, ки ақалан ба забонҳои маҳаллӣ тоҷикиву ӯзбекӣ номи кишвари қадимии моро дар шакли дурусти он «Суғд» нависанд.

Қалъаву қасрҳои подшоҳони Суғд, ки дар ноҳияи деҳоти Самарқанд (Маймурғ) 2-3 ҳазор сол пеш ва аз он ҳам зиёдтар сохта шудаанд, лойинанд ва имрӯз аз онҳо хоктеппаҳо боқӣ мондааст. Вале агар олими археолог ин хоктеппаҳоро кобад, бисёр нишонаҳои маданияти гузаштагони моро пайдо мекунад. Ба ҳамин сабаб ба теппаҳо бо эҳтиёт муносибат кардан лозим аст.

Яке аз боқимондаҳои қалъаи қадиме, ки дар назди кӯпруки роҳи Оҳалики рӯди Дарғам аст, ба забони мардуми ин ҷо Дарвозахона ном дорад. Ҳамин Дарвозахона эҳтимол ҳамон қалъаи қадимаи Фарундиза будагист. Дар ин бора сухани охиринро бояд донишмандони таърих бигӯянд. Кашфи маънои номҳои деҳаҳои ноҳияи Маймурғ низ вазифаи донишмандони таърихи забон аст.

Заминҳои ноҳияи деҳотии Самарқанд дар худ асрори зиёди ниёгонро нуҳуфтаанд. Кашфи ин асрор ба ковишҳои донишмандони археолог вобаста мебошад. Яке аз ин сирри нокушода шаҳри панҷунимҳазорсолаи Самарқанд мебошад, ки то ҳанӯз, касе гуфта наметавонад, ки ин шаҳр дар зери кадом теппа хобидааст. Афросиёбе, ки археологҳо аз зери он шаҳри тоисломии Самарқандро ёфтаанд, 2750-сола аст. Кӣ метавонад бигӯяд, ки вайронаҳои аз ҳама қадимтарини Самарқанд дар зери ягон хоктеппаи ноҳияи Маймурғ нест? Хулоса, мавҷудияти Маймурғ ҳазорҳо сол ҳамчун қароргоҳи шоҳаншоҳони Суғд, пойтахти эълоннашуда душманонеро, ки мехостанд ин кишвари пурсатватро истило кунанд, гаранг карда буд. бисёр вақт зарбаи асосии душманро Маймурғ медид ва чун сипар Самарқандро аз тамоман хароб шудан наҷот медод. Ба ҳамин сабаб Искандари Мақдунӣ кӯшиш кардааст, ки Маймурғ ва мардуми онро тамоман нест кунад. Вале Маймурғ ба мисли мурғи самандар (феникс, қақнус) аз зери хокистари оташи ҷангҳо доимо зинда мегардид, то ки боз ҳам асрҳои зиёд дугоник ва такягоҳи асосии пойтахти Суғд – Самарқанд бошад.

ИЛОВА. Вақте ки мақолаи мо таҳти унвони «Маймурғ низ пойтахти Суғд буд» ба чоп тайёр шуд, донишманди забон, омӯзгори Донишгоҳи давлатии Самарқанд Абдуваҳҳоб Воҳидов «Фарҳанги забони суғдӣ»-и Бадруззамон Қариборо, ки дар Теҳрон соли 1995 чоп шудааст, ба ихтиёри мо гузошт, ки хеле миннатдор ҳастем. Мо аз ин китоби луғат маънои номҳоеро, ки дар ин мақола омадаанд, ҷустуҷӯ кардем. Якум, оиди маънои калимаи «маймурғ», Ин ном дар ин «Фарҳанги забони суғдӣ» нест. Азбаски мурғ ва марғ ба забони форсӣ ба хатти арабӣ як хел навишта мешавад, метавон тахмин кард, ки дар аввалҳо ин ном Маймурғ бояд бошад. Дар забони суғдӣ низ «мурғ»-ро мурғ мефаҳмидаанд, яъне парранда. Аммо ҳам мурғу ҳам марғ маънои замини ҳамворро низ доштааст. Валек марғ ба маънои чаманзор, беша, марғзор низ омадааст. Агар ба ёд биёрем, ки дар замони аз ҷониби Искандари Мақдунӣ истило шудани Суғд ин ноҳия бешазор ва боғот буд, ин маъно созгортар хоҳад шуд. Лек «май» ба суғдӣ чӣ маъно дорад, ба мо маълум нест. Зеро дар забони суғдӣ «май», яъне шаробро «маду» мегуфтаанд. Яъне «май»-и дар аввали калимаи Маймурғ омада, ба забони суғдӣ шаробро ифода намекардааст. Калимаи «май» ё «мой» дар «Фарҳанги забони суғдӣ» нест. Азбаски ин калимаи тоҷикӣ-форсӣ аст, метавон тахмин кард, ки забони тоҷикӣ баробари забони суғдӣ дар муомилот будааст. Маънои калимаи «Маймурғ»-ро ба ин асос «заминҳои ҳамвори ангурзор ё боғҳою ангурзорҳои манбаи шароб» тахмин кардан мумкин аст.

Масъалаи дигар маънои суғдии калимаи «Форун» ва «Фарундиза» буд. Ин калимаҳо низ дар «Фарҳанги забони судӣ» нестанд. Аммо калимаи ба ин монанди «фарн» дучор мешавад, ки маънояш фар, шукӯҳ, хуҷастагӣ аст. Яъне, аввал «фарндиза», сипас «фарундиза» шудани номи минтақаи Хоҷа Аҳрор (аз Девори Кӯндаланг то Дарғам) ҳодисаи оддии фонетикии забон аст. Чуноне ки мушоҳида мекунем, чӣ луғати суғдӣ, чӣ луғати тоҷикӣ ҳам «маймурғ», ҳам «Фарундиза»-ро ба маъноҳои нек арзёбӣ кардаанд. Аммо Ревдод метавонад, ки ихтисоршудаи «Работи дод» бошад, яъне Қалъаи адолат.

*Аз китоби «Армуғон»*

## Донистан хуб аст

# КАРАНТИНИ ХОНАГӢ ЧӢ ХЕЛ ҶАРАЁН МЕГИРАД?

***Дар вазъияти хуруҷи коронавирус аз рӯйи тавсияҳои табибону равоншиносон амал кардани аҳли ҷомеа барои коҳиши сироятёбӣ ва пешгирии таҳлука мусоидат мекунад.***

***Риояи қоидаҳои беҳдоштӣ ба монанди пайваста шустани дастон бо собун ва ё тоза кардан бо маҳлулҳои антисептикӣ, фосилаи ҷисмонӣ дар хонаву ҷойҳои ҷамъиятӣ, истифодаи ниқобҳои муҳофизатии тиббӣ, ҳамеша тоза нигаҳ доштани ҷойи зист, дар вақти пайдо шудани аломатҳои сирояти коронавирус муроҷиати саривақтӣ ба табибон ва аз ҳама муҳимаш рӯҳафтода нашудан аз омилҳои асосии пешгирӣ ва муолиҷаи бемории COVID-19 арзёбӣ мешаванд.***

***Шахсони дар карантини хонагӣ қарор доштаро, чӣ хел нигоҳубин бояд кард, то барои атрофиён безарар бошанд? Аз нигоҳи равонӣ кадом амалҳоро иҷро кардан лозим аст, то инсон рӯҳафтода нашуда, саломатияш зудтар барқарор шавад?***



### ҚОИДАҲОИ КАРАНТИНИ ХОНАГӢ БАРОИ ШАХСОНЕ, КИ ХАВФИ СИРОЯТИ COVID-19-РО ДОРАНД

Карантин маҳдуд кардани фаъолият ё ҷудо нигоҳ доштани шахсоне мебошад, ки бемор нестанд, аммо хатари сироятёбии онҳо вуҷуд дорад. Зимнан вазъи саломатии онҳо таҳти назорат қарор дошта, аломатҳои эҳтимолӣ ва ҳолатҳои сироятёбӣ саривақт муайян мешаванд.

Талаботи умумӣ

Карантини хонагӣ 14 рӯз давом карда, аз рӯзи бозгашти шахс аз хориҷи кишвар ё аз лаҳзаи тамоси эҳтимолӣ бо шахси гирифтори COVID-19 оғоз мешавад.

Кормандони соҳаи тиб карантини 14-рӯзаро ба одамоне тавсия дода метавонанд, ки бо шахси гирифтори COVID-19 дар тамос буданд.

### ШАРОИТИ ЗИСТ БАРОИ ТАШКИЛИ КАРАНТИНИ ХОНАГӢ

1. Манзили алоҳида вуҷуд дорад (ҳаддалимкон ҳуҷраи алоҳида бо ҳоҷатхонаи ҷудогона), ки дар он шахси эҳтимолан гирифтори коронавирус аз дигар аъзои оила ва ҳамсоягон ҷудо нигоҳ дошта мешавад.

2. Шахси эҳтимолан гирифтори коронавирус ва аъзои оилаи ӯ ба воситаҳои муҳофизати инфиродӣ дастрасӣ доранд (ниқобҳо, дастпӯшакҳо). Зимнан чораҳои бехатарӣ ҳам риоя мешаванд (дастонро пайваста бо собун мешӯянд, хонаро бо латтаи тар пок мекунанд ва тирезаҳоро баъзан кушода мемонанд, то ҳавои хона тоза шавад).

3. Дар манзил шахсоне, ки хатари гирифтории онҳо ба COVID-19 зиёд аст, ҳузур надоранд (одамони аз 65-сола боло, кӯдакони то 5-сола, занони ҳомила, шахсони масунияташон суст ва ё гирифтори бемориҳои музмини дил, шуш ё гурда).

4. Дастрасӣ ба телефон ҳаст.

5. Мавҷудияти санадҳои имзокардаи шахси эҳтимолан гирифтори коронавирус, ки риояи ҳатмии қоидаҳои карантинро зимни эълони он аз ҷониби мақомоти давлатӣ тасдиқ мекунад (гирифтани ризоияти огоҳона).

### ТАВСИЯҲОИ УМУМӢ БАРОИ ШАХСЕ, КИ ДАР КАРАНТИНИ ХОНАГӢ ҚАРОР ДОРАД

1. Аз манзили худ набароед.

2. Агар дар манзили истиқоматӣ аъзои дигари оила ҳам бошанд, шахси эҳтимолан гирифтори коронавирус бояд дар ҳуҷраи алоҳида бо дари баста нигоҳдорӣ шавад. Тирезаи ин ҳуҷраи алоҳидаро барои тоза шудани ҳавои он ҳар сари чанд вақт кушодан лозим аст. Баромадан аз ин ҳуҷра танҳо барои қазои ҳоҷат ва дигар ниёзҳои шахсӣ барои муҳлати начандон тӯлонӣ иҷозат аст. Зимнан даҳону бинӣ бояд бо ниқоб пӯшонида шавад.

3. Дар вақти сулфа ё атсазанӣ даҳону бинии худро пӯшонед (масалан, бо рӯймолчаҳои яккарата). Фавран дастони худро бо собун бишӯед ва ё бо маҳлули антисептикии спиртдор тоза кунед.

4. Пеш аз истеъмоли ғизо дастони худро бо собун бишӯед ва ё бо маҳлули антисептикии спиртдор тоза кунед. Ин амалро пас аз қазои ҳоҷат низ бояд иҷро кард. Аз дастпокҳои яккарата барои тоза кардани дастони худ истифода кунед.

5. Агар шароит бошад, аз ҳоҷатхонаи ҷудогона истифода кунед.

6. Агар таби одами эҳтимолан сироятёфта баланд шавад ё ӯ худро бад ҳис кунад, ба табиби оилавӣ муроҷиат кунед, ё барои гирифтани машварат оид ба амалҳои минбаъда ба телефонҳои 511, 311 занг занед.

7. Агар шахсе, ки дар карантин қарор дорад, гирифтори бемориҳо бошад (фишорбаландӣ, диабети қанд, сил ё бемории дигар), ӯ бояд бо машварати табиб доруҳои худро аз рӯйи ҷадвали тавсияшуда бидуни қатъи муолиҷа истеъмол кунад.

### ТАВСИЯҲОИ УМУМӢ БАРОИ ХЕШОВАНДОНИ ШАХСЕ, КИ ДАР КАРАНТИНИ ХОНАГӢ ҚАРОР ДОРАД

1. Шумораи аъзои оиларо, ки ба ҳуҷраи карантинӣ даромада метавонанд, кам кардан лозим аст. Бояд фақат ба як одами солиме, ки бемориҳои музмин надорад, барои даромадан иҷозат дода шавад.

2. Одамон набояд ба аёдати шахси эҳтимолан гирифтори коронавирус биоянд.

3. Ҳамаи аъзои оила бояд дастони худро пайваста бо собун бишӯянд.

4. Шумо дар вақти даромадан ба ҳуҷраи карантинӣ бояд ниқоби тиббӣ пӯшед, ки даҳону бинииро нағз маҳкам кунад. Агар ниқоб тар ё чиркин шуда бошад, он бояд зуд бо ниқоби нав иваз карда шавад. Ниқобро бе расидан ба қисми пеши он бикашед. Фавран онро ба сатили партови сарпӯшдор партоед. Сипас, дастони худро бо собун бишӯед ва ё бо маҳлули антисептикии спиртдор тоза кунед.

5. Дастпӯшакҳои якдафъаинаро барои ҳар як тамос бо шахсе, ки дар карантин қарор дорад, инчунин барои тоза кардани мизу бистар, гирифтани либос ва косаю табақ дар дохили ҳуҷраи карантинӣ истифода намоед.

6. Ҳар рӯз ин ҳуҷра бояд тоза ва безарар (дезинфексия) карда шавад.

7. Тамоми либоси чиркин одаме, ки дар карантин қарор дорад, бояд дар ҳуҷраи ӯ даруни борхалтаи алоҳида ҷамъ карда шавад. Сипас бо моводи маъмулии ҷомашӯйӣ онҳоро шустан лозим аст.

8. Аз додугирифти ашёи рӯзгор бо шахси таҳти карантин худдорӣ кунед.

### ТАВСИЯҲОИ УМУМӢ ОИД БА КАРАНТИНИ ХОНАГӢ БАРОИ ТАМОМИ АЪЗОЁНИ ОИЛА

1. Ҳар як аъзои оила бояд ҳарорати бадани худро ақаллан 2 бор дар як рӯз бисанҷад.

2. Тирезаҳоро кушода, ҳавои хонаро на камтар аз 2 бор дар як рӯз тоза намоед.

3. Даруни хона бояд ҳар рӯз бо латтаи тар пок карда шавад.

4. Дастони худро пайваста бо собун бишӯед ва ё бо маҳлули антисептикии спиртдор тоза кунед. Аз дастпокҳои яккарата ё сачоқ барои хушконидани дастони худ истифода кунед.

5. Барои ҳар як аъзои оила бояд косаву табақ ва пиёлаю қошуқи алоҳида, инчунин воситаҳои гигиенаи шахсӣ таъмин карда шавад.

6. Ҳангоми карантин ва хуруҷи беморӣ дар кишвар ба хона омадани меҳмонон ва ҳатто хешовандонро маҳдуд кунед.

7. Дар вақти сулфа ё атсазанӣ даҳону бинии худро пӯшонед (масалан, бо рӯймолчаҳои яккарата). Фавран дастони худро бо собун бишӯед ва ё бо маҳлули антисептикии спиртдор тоза кунед.

8. Агар таби ягон узви оила баланд шавад ё худро бад ҳис кунад, аввал ба табиби оилавӣ муроҷиат кунед. Агар ин ҳолат шабона рух диҳад, ба рақами телефони 103 (03) занг зада, ёрии таъҷилии тиббиро даъват кунед.

*Хизмати матбуоти Садорати тандурустии вилоят.*

## Хонед, аҷиб

# Формулаи муваффақият

Муваффақият формулаи худро дорад. Ҳар кас ин формуларо ба таври худ аз бар менамояд ва талқин мекунад. Яке аз маъмултарин формулаи муваффақият ва комёбӣ чунин аст:

Агар дар Шумо барои муваффақ гардидан хоҳиш нисбат ба тарси шумо аз шикаст хӯрдан бештар бошад, Шумо албатта ба муваффақият ноил мегардед.

Гоҳо барои чаппа кардани як дарахт мебояд ба танаи он сад маротиба табар бизанем.

Аз ин сад зарба, кори наваду нӯҳ зарбаи пешина аз он иборат аст, ки барои зарбаи садум шароит муҳайё созанд.

Дарахт дар давоми наваду нӯҳ зарбаи табар дар ҷойи худ рост меистад. Ноумеду дилсард намешавад.

*Ҳар як мубориза ва талош ҳамин тавр сурат мегирад. Ҳар як мақсад ва орзуе, ки пеши худ мегузорем, дарҳол натиҷа намедиҳад, амалӣ намегардад. Ин ҳолат набояд садди роҳи мо шавад, барои аз орзу ё мақсади худ даст кашиданамон омиле гардад. Ба азму иродаи мо таъсири манфӣ расонад.*

Ҳар як коре мекунем, чунон пиндорем, ки ин ҳаракатҳои мо яке аз ҳамон наваду нӯҳ зарбаи табар аст. Пас аз чанде зарбаи садумро мезанем ва дарахтро чаппа мекунем, яъне ба мақсади пешгузоштаи худ мерасем. Интизор бошед. Ҳаракат кунед. Чунки муваффақият ҳамеша аз одам сабр меҳоҳад. Ҳаргиз ноумед нашавед. Одамони одӣ вақте ки ба мушкилоти аввалин рӯ ба рӯ меоянд, аз ҳаракат боз меистанд, аз орзуи худ даст мекашанд. Аз ин рӯ, аксар ба орзуву умедҳои худ нарасида дар нимароҳ мемонанд.

Дар зиндагӣ набояд аз мушкилот тарсем. Рӯҳи худро бедор кунем ва назарамонро тағйир диҳем: то дунёи мо дигар шавад!



Овози Самарқанд

МУАССИСОН:
Шӯрои намояндагони халқ ва ҳокимияти вилояти Самарқанд
Ovozi Samarqand - xalq deputatlari Samarqand viloyat Kengashi va viloyat hokimligining gazetasi

Сармуҳаррир
Баҳодур РАҲМОНОВ

Рӯзнома дар Садорати матбуот ва ахбори вилояти Самарқанд 2-юми июли соли 2012 таҳти рақами 09-04 ба қайд гирифта шудааст.

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

Индекси обуна **419**
Рақами нашр **250**
Адади нашр **2906**
Супориши **456**
Ба чопаш соати **21.00. 18.08.2020** имзо шуд.

ⓣ -мақолаи тиҷоратӣ

Рӯзнома дар маркази компутерии «Овози Самарқанд» саҳифабандӣ ва дар ҶММ «Ношир Люкс» чоп шудааст. Сифати чоп бар ӯҳдаи матбаа аст. Манзили матбаа: шаҳри Самарқанд, кӯчаи Спитамен, 270.



НИШОНИИ МО:
140100. Шаҳри Самарқанд, кӯчаи У. Турсунов, 80.
Телефонҳо:
Қабулхона: 233-91-71, Ҷонишини сармуҳаррир: 233-91-70, Шӯъбаи реклама ва эълонҳо: 233-91-72.
E-mail: ovozisamarqand@umail.uz.

Муҳаррири навбатдор
Тошқул АЗИМОВ

Навбатдор
Бахтиёр ҶУМЪАЕВ

Саҳифабанд
Сироҷ РАҶАБОВ

ISSN 2010-6688

9 772010 668877

Дар фурӯш нархаш озод